**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯи диссертатсия**. Масоили сиёсати дохилӣ ва берунии давлатҳои ҳукмрон дар Хуросон ва Мовароуннаҳр (Сафавиён ва Аштархониён) дар нимаи аввали асри XVIII, дарёфти мақоми баланд ва амалиёти мусаллаҳонаи Нодиршоҳ бо мақсади ба даст овардани ҳудуди давлати ҳамҷавор ва пахш намудани шӯришҳо, таърихи ҳокимиятро аз они худ намудани манғитиён дар Бухоро, инчунин, тадбирҳои сиёсии амирони манғитӣ ҷиҳати таҳким бахшидани ҳокимияти давлатӣ, муносибатҳои байнидавлатӣ дар нимаи дуюми асри XVIII дар як идда асарҳои муаррихони тоинқилобӣ, шӯравӣ ва даврони пасошӯравӣ мунъакис шудаанд.

Аз корҳои тоинқилобии муаллифон ба ахбори сафири русиягӣ Флорио Беневинӣ, ки се сол (аз 6 ноябри соли 1721 то 8 апрели соли 1725) дар Бухоро зиндагӣ ихтиёр намуда, дар ин давра дар хусуси хонии Бухоро (давлати Аштархониён), аз ҷумла дар бобати вазъи сиёсии кишвар маълумоти гаронбаҳои таърихӣ гирд овардааст, ба таври хоса таваҷҷуҳ кардан шоиста хоҳад буд. Беневинӣ маводҳои ҷамъоваридаи хешро дар шакли номаи саркушода (релятсия) ва рамзномаҳо (маълумотҳои дорои хислати ҳарбӣ ва иқтисодӣ)[1] ба Санкт- Петербург ирсол мекард.

Дар бораи баъзе воқеоти дорои хусусиёти ҳарбӣ- сиёсӣ доштаи хонии Бухоро Филлип Сергеевич Ефремов, ки соли 1774 аз ҷониби қазоқҳо асир гирифта, ба амири Бухоро Дониёлбий (1758-1785) фурӯхта шуда буд, иттилоъ додааст. Филлип Ефремов хизмати ҳарбии Дониёлбийро ба зимма гирифта, машғули омӯзиши сарбозони хон дар умури низомӣ буда, дар юришҳои сершумори ҷангӣ бевосита ширкат намуда, ҳатто ба гирифтани унвони ҳарбии "юзбошӣ"[2] сазовор гардида буд. Ф.Ефремов дар китоби саргузаштҳояш, ки се маротиба солҳои 1786, 1794 ва 1811 таҳти унвонҳои гуногун чоп шуда буд, даврони ҳукмронии манғитиёни нахустин ва рӯйдодҳои ҳарбӣ- сиёсии нимаи дуюми асри XVIII-ро муфассал қаламдод намудааст.[3]

Баъзе маълумоти пароканда дар хусуси рӯйдодҳои сиёсии хонии Бухоро дар асари сайёҳи рус Т.Бурнашев, ки солҳои 90-уми асри XVIII ба зиёрати Бухоро мушарраф шуда буд, оварда шудаанд.[4]

---

1 Беневени Ф. Реляции из Бухары //Попов А. Сношения России с Хивою и Бухарою при Петре Великом //Записки Императорского Русского Географического общества. Кн.:1Х. СПб., 1853. С.237-318.

2 Бокиев О.Б. Освещение истории таджикови Таджикистана в трудах русских дореволюционных исследователей. Душанбе: Дониш, 1991. С. 52.

3 Ефремов Ф. Странствования Российского унтер-офицера Ф. Ефремова, СПб., 1786; Ефремов Ф. Девятилетнее странствование унтер-офицера Ф. Ефремова по Средней Азии, под. ред. Э. Мурзаева, М., Географгиз, 1950; Ефремов Ф.С. Странствование Филиппа Ефремова в Киргизской степи, Бухарии, Хиве, Персии, Тибете и Индии и возвращение его оттуда через Англию в Россию. СПб., 1811. 161 с.

4 Бурнашев Т.С. Путешествие от Сибирской линии до города Бухары в 1794 и обратно в 1795 году //Сибирский вестник. СПб., 1818. Ч.II. С.247-284; Ч.III. С.95-130.

Дар навиштаҳои Я.В.Хаников дар асоси таҳқиқоти топографӣ таҳлили бархе воқеоти сиёсии ҳудудҳои наздисоҳилии баҳри Арал ва инчунин хонии Хева дар ибтидои асри XVIII ба сомон расонида шудааст.[1]

Асари С.О. Кишмишев, ки дар он масоили вазъи ҳарбӣ- сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳр дар нимаи якуми асри XVIII баррасӣ гардидааст, шоистаи таваҷҷуҳи мебошад. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ рӯйдодҳои сиёсии Эрон ва Осиёи Миёнаро дар қаринаи касби мақом намудани Нодиршоҳ, юришҳои ҳарбии ӯ ба Ҳирот, Қандаҳор, Ҳиндустон, инчунин, алайҳи хониҳои Бухоро ва Хева мавриди таҳлили доманадор қарор медиҳад.[2]

Баъзе ҷанбаъҳои масъалаи баррасишаванда дар асари В.А.Жуковский инъикос ёфтааст, ки соли 1894 мунташир шуда, дар он маълумот дар бобати топографияи шаҳри Марв ва дигар мавзеъҳои аҳолинишини воҳаи Мурғобро манзур карда, инчунин, рӯйдодҳои сиёсии нимаи аввали асри XVIII, ки бо пайдо гардидани Нодиршоҳ дар арсаи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр иртибот доранд, мухтасар инъикос шудаанд.

С.В.Жуковский дар бораи сафорати М.Бекчурин хабар медиҳад ва дар он ҷо воқеоти алоҳидаи сиёсии хонии Бухороро дар солҳои 80-уми асри XVIII хотиррасон менамояд. [3]

Асари Л.Локкарт, ки соли 1938 дар Лондон мунташир гардида буд, яке аз гаронбаҳотарин сарчашмаҳо маҳсуб мешавад, ки бо фарохии масоили баррасикардаи худ назаррас мебошад. Рисолаи мазкур ба инъикоси таърихи ходими бузургтарини ҳарбӣ- сиёсии Эрон, асосгузори дудмони афшориён Нодиршоҳ бахшида шудааст. Муаллиф доир ба рӯйдодҳои Хуросон, ширкати Нодиршоҳ дар онҳо, оид ба ибтидои амалдории ҳарбӣ- сиёсии Нодиршоҳ, муборизаи ӯ алайҳи афғонҳои Эронро тасарруфкарда маълумотҳои зиёде манзур намуда, сабабҳои шикаст дидани Сафавиҳо ва ба ҳокимият соҳиб шудани Афшориёнро ошкор гардонидааст. Мавсуф, ҳамчунин, юришҳои ҳарбии Нодиршоҳро, аз ҷумла дар ҳудуди хониҳои осиёимиёнагӣ муфассал инъикос кардааст. Асар аз сарчашмаҳои дигар бо он фарқ мекунад, ки муаллиф ба маълумоти аз манбаъҳои хаттӣ гирифтаи худ ба таври интиқодӣ назар менамояд.[4]

Масоили ҳаёти сиёсии хониҳои Осиёи Миёна, созмонҳои сохтори давлатии хонии Бухоро ва ҷанбаъҳои дигари таърихи давраи

---

[1] Пояснительная записка к карте Аральского моря и Хивинского ханства с их окрестностями / Сост. Я. В. Ханыковым. «Записки Русского географического общества». Кн. V, СПБ, 1851. С.268-358.

[2] Походы Надиршаха в Герат, Кандагар, Индию и события в Персии после его смерти / Сост. ген.-лейтенант С.О. Кишмишев. Тифлис, 1889. 303 с.

[3] Жуковский В. А. Древности Закаспийского края. Развалины Старого Мерва// Материалы по археологии России. Вып. 16. СПб. 1894. 217 с.

[4] L. Lockhart, Nadir shah a critical study based mainly on contemporary sources, London, 1938.

таҳқиқшаванда дар иддае аз асарҳои академик В.В.Бартолд мунъакис гардидаанд.[1]

Бархе масъалаҳои вазъи сиёсии қисмати шарқии Хуросон, бахусус вилояти Ҳироти ибтидои асри XVIII дар таҳқиқотҳои В.М.Массон ва В.А.Ромодин[2] мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар рисолаи мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба инъикоси муаммоҳое равона шудааст, ки онҳо муборизаи империяи Бобуриёни Ҳинд ва Сафавиён ҷиҳати ба даст овардани ҳукумат дар Ҳирот, пайдо намудани мақоми воло ва ба муборизаи истиқлолиятхоҳии қабилаҳои гилзоӣ ва абдолии Афғонистон, ба юришҳои ҳарбии Нодиршоҳ дар Ҳиротро фаро гирифтаанд.

Таърихи сиёсии Ҳироти давраи таҳқиқшаванда, инчунин дар фасли чаҳоруми рисолаи Н.Н. Туманович баррасӣ гардидааст.[3] Муаллиф тавонистааст, ки ба хотири эҳё намудани таърихи сиёсии музофоти Ҳирот асосан сарчашмаҳои хаттии ба забони форсӣ иншошударо гирд оварда, ба хулосагирии онҳо муяссар гардад. Дар асари муаллифи номбурда далелҳои қувват гирифтани мақому таъсири қабилаи абдолӣ, ҷангу талошҳои онҳо бо гилзоиҳо, зиддият бо маъмурияти Сафавиҳо, кашмакашҳои байниҳамдигарии авлодию қабилавӣ дар дохили худи дудмони абдолиҳо, юришҳои Нодиршоҳ ба Ҳирот ва ғайра ҳаматарафа таҳлил гардидаанд.

Дар асари А.Абдураҳимов ба масоили муносибатҳои кишоварзии давраи мавриди таҳқиқ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Муаллиф кӯшидааст, ки ҳаёти хоҷагии хонии Бухороро дар қаринаи таҳаввули равандҳои сиёсӣ инъикос карда бошад. А.Абдураҳимов дар хусуси парокандашавии ҳукумати сиёсӣ, оид ба зиддиятҳои сиёсии пешвоҳои алоҳидаи ҳукумати марказӣ, доир ба бӯҳрони сиёсӣ ва хоҷагӣ дар замони охирин намояндагони сулолаи Аштархонӣ - Абулфайзхон, Абдулмуъмин ва Абдулғозӣ[4] маълумотҳои ҷолиби диққат медиҳад.

Таърихи сиёсии вилояти Балх, ки то истилои Нодиршоҳ ба ҳайати хонии Бухоро шомил буд, дар рисолаҳои Б.А. Аҳмадов[5] ва А.Мухторов[6] муфассал инъикос ёфтааст. Муаллифон мақоми ин вилояти музофотиро дар сарнавишти хонии Бухоро муайян намуда, вазъи феълии Балхро дар ҳолати ба ном тобеияти Бухоро ҳаматарафа қаламдод карда, бар замми ин маълумоти мавҷуда оид ба робитаҳои тиҷоратии Бухоро бо Ҳиндустон ва Эрон тавассути Балх ва вазъи сиёсӣ - иқтисодии шаҳрҳои тобеи Балх мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Барои таҳқиқоти мо,

[1] Бартольд.В.В. К истории орошения Туркестана./Соч. Т.III. М., 1965. С.110-111; Он же.История культурной жизни Туркестана / Соч.Т. II. Ч. I. М.,1963. С.169-433; Он же. История Туркестана / Соч.Т. II. Ч. I. М.,1963. С.109-169.

[2] Массон В.М., Ромодин В.А.История Афганистана. Том II. М.: Наука, 1965. С.69.

[3] Туманович Н.Н. Герат в XVI –XVIII вв. М.: Наука, 1989. 287 с.

[4] Алексеев А.К. Политическая история Тукай-Тимуридов. По материалам персидского исторического сочинения *Бахр ал-асрар.*СПб.: Изд.-во С.Петерб. универ.-та, 2006. 229 с.

[5] Ахмедов Б.А. История Балха (XVI-первая половина XVIII века.). Ташкент: Фан, 1982. 296 с.

[6] Мухтаров А.М. Позднесредневековый Балх. Душанбе: Дониш, 1980.

инчунин асарҳои ба таърихи иддае вилоятҳои Осиёи Миёна бахшидаи А.М.Мухторов арзишманд мебошанд.[1]

Дар боби сеюми асари П.П.Иванов маълумоти таърихӣ доир ба рӯйдодҳои сиёсии асри XVIII мухтасар оварда шудаанд. Муаллиф сабабҳои дар ҳудуди хонии Бухоро дар давраи ҳукмронии Аштархониҳо арзи ҳастӣ намудани як қатор мулкҳои мустақил ва нимамустақил, мушаххасан вилояти Балх ва водии Фарғонаро ошкор намуда, муҷиботи инқирози ҳокимият дар Хева, ба ин сарзамин ва Бухоро ташриф овардани сафорати Русияро тавсиф кардааст. Дар рисолаи П.П.Иванов мақом пайдо намудани Нодиршоҳ ва лашкаркашиҳои ӯ дар ҳудуди хониҳои Осиёи Миёна ва давраи ибтидоии ҳукмронии манғитиён дар Бухоро низ баррасӣ шудаанд.[2]

Як қатор муҳаққиқон асарҳое мунташир намуданд, ки онҳо ба ошкор сохтани вазъияти сиёсӣ, ҳарбӣ, иҷтимоӣ - иқтисодии Эрони давраи таҳқиқишаванда, бо назардошти муҳимияти воқеот ва ҷойгоҳи геостратегии Хуросон ва Мовароуннаҳр бахшида шудаанд. Байни онҳо иддаи рисолаҳоеро метавон ном бурд, ки фаъолияти Нодиршоҳи Афшорро муфассал инъикос кардаанд ва ба қалами М.Р.Арунова[3], К.З.Ашрафян, В.Ф.Минорский[4], Майкл Экскурси[5], Уилям Флор[6], Мортимор Дюрант[7] тааллуқ доранд.

Вобаста ба рӯйдодҳои сиёсии асри XVIII Осиёи Миёна як қатор асарҳои муаррихони даврони пасошӯравӣ таҳия гардидаанд. Дар рисолаи Т.Тухтаметов таърихи мухтасари хонии Бухоро мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.[8] Дар ин асар давраҳои асосии таърихи сиёсии замони ҳукмронии намояндагони охирини хонадони Аштархонӣ ва ба сари ҳукумат омадани манғитиён қаламдод шудаанд. Ҳаёти сиёсии хонии Бухорои замони таҳқиқи мо дар асарҳои А.Саидов[9] муфассал

---

[1] Мухтаров А.М История Ура-тюбе (конец XV- начало XX вв.). М., 1998. 278 с.; Он же. Гиссар. Исторический очерк(конец XV- начало XX вв.). Душанбе, 1995.

[2] Иванов П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI – середина XIX вв. ). М.: Изд. Вост. лит.-ры, 1958. 248 с.

5Арунова М.Р., Ашрафян К.З. Государство Надир-шаха Афшара. Очерки общественных отношений в Иране 30-40-х годов XVIII века. М.: Изд. Восточной литературы, 1958. 283 с.

[3] Арунова М.Р., Ашрафян К.З. Государство Надир-шаха Афшара. Очерки общественных отношений в Иране 30-40-х годов XVIII века. М.: Изд. Восточной литературы, 1958. 283 с.

[4]Минорский В.Ф. Ирон дар замони Нодиршох (Иран во времена Надир-шаха) / пер. Рашиди Ёсами.3-е изд. Тегеран: изд-во Дунёи китоб, 1382/ 2003.

[5] Майкл Э. Ирон дар асри Нодир (Иран во власти Надир-шаха). Пер. Содик Зебокалами Саидамира Нийокуйи. Тегеран: Равзана, 1388/2009.

[6] Флор У. Хукумати Нодиршох (Правление Надир-шаха). Пер. Абулкасим Сари. Тегеран; Тус, 1368/1989.

[7] Дьюрант С.М. Нодиршох/ пер. Сайид Али Дои – ислом. Хайдарабад- Дакан, 1332/ 1953.

[8] Тухтаметов Т. История таджикского народа в первой половине XVIII в. Душанбе, 1991. 66 с.

[9] Саидов А. О проблеме взаимоотношений Бухары и Балха в первой половине XVIII века по сведениям «Убайдулла-наме» // Вестник ун-та. Науч. журнал. Российско-Таджикского славянского университета.– Душанбе, 2006. - № 2(14).; Он же. Политическая история Бухарского ханства в XVII – первой половине XVIII вв. Душанбе: Ирфон, 2007. 149 с.; Он же. Внешняя торговля и политические взаимоотношения Бухарского ханства с Индией в XVII – первой половине XVIII в. // Мирас: Ежеквартальный журнал. Ашхабад, 2007; Он же. Народные движения в Бухарском ханстве в XVII – первой половине XVIII вв. // Известия АН Республики Таджикистан. (Отделение общественных наук). Душанбе, 2007.- № 1; Он же. Особенности российско-бухарских дипломатических отношений в XVII – первой половине XVIII вв. // Материалы республиканской научно-практической конференции «Россия и Средняя Азия: исторический

баррасӣ гардидааст. Муаллиф дар онҳо сабабҳои инқироз ва пошхӯрии ҳукумати Аштархониҳо, кашмакашҳои байниҳамдигарӣ ва муносибатҳои дохилӣ ва берунии хонии Бухороро баррасӣ намудааст.

Дар асари олими олмонӣ Анке фон Кюгелген маълумотҳои нав дар хусуси давраи ибтидоии таърихи сиёсии сулолаи манғитиён дар хонии Бухоро, бахусус фаъолияти нахустин амири манғит Муҳаммад Раҳимбий ба хотири таҳкими ҳукумати худ ва созмон додани идоракунии марказонида аз ҷониби Дониёлбий ва Шоҳмурод оварда шудаанд.[1]

Дар асарҳои Ҷ.Ҳ. Ҷӯрабоев[2] баъзе масоили муҳими ҳаёти сиёсии хонии Бухорои давраи таҳқиқи мо хуб ва ҳаматарафа баррасӣ гардидаанд. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои сершумори хаттӣ ва адабиёти мавҷудаи илмӣ масоили ба сари ҳукумат омадани манғитиён ва тадбирҳои мутамарказонидани идоракунии давлат, мухтассоти низоми сиёсӣ ва таъсири байниҳамдигарӣ бо созмонҳои мухталифи давлатиро муваффақона таҳлил кардааст.

Дар рисолаҳои бунёдӣ ва мақолаҳои илмӣ маълумотҳои дорои хислати хулосакунанда оид ба таърихи вазъияти ҳарбӣ- сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII гирд оварда шудаанд. Ин асарҳо дар давраҳои гуногун мунташир гардида, дар онҳо масъалаҳои мухталифи мавзӯи таҳқиқшаванда инъикос ёфтаанд[3].

---

диалог и взаимодействие культур»: (К 160 – летию со дня рождения Н.П. Остроумова). Душанбе, 2007; Он же. Политическое и социально-экономическое положение Бухарского ханства в XVII - первой половине XVIII вв.: Автореф. дисс.док. ист. наук. Душанбе, 2007.// http://www. dissercat.com/ content/ politicheskoe-i-sotsialno-ekonomicheskoe-polozhenie-bukharskogo-khanstva-V-XVII-pervoi-polov

[1] Анке фон Кюгельген. Легитимация среднеазиатской династии мангытов в произведениях их историков (XVIII – XIX вв.) . Алматы: Изд-во «Дайк–Пресс», 2004. 516 с.

[2] Джурабаев Д.Х. Политическая история Бухарского ханства во второй половине XVIII –середины XIX вв. (по материалам письменных источников). Худжанд: Ношир, 2013. 318 с.; Он же. Особенности кризиса политической власти в Бухарском ханстве в XVIII в. (на первом этапе правления Убайдуллахана (1702 – 1711 гг.) // Вестник ТГУПБП. 2012. № 2 (50). С.228-234: Российское направление внешней политики Бухарского ханства в первой половине XVIII века. // Научное обозрение. Сер.гуманит. наук. 2013. №3-4. С. 159-164; Церемониал возведения на престол правителей Бухарского ханства – «поднятие на белой кошме» // Современные проблемы науки и образования. 2013. – № 5; URL: http://www.science-education.ru/111-10298 (дата обращения: 10.10.2013); К истории завоевания Бухарского ханства Надир – шахом и приход к власти мангытов: 1740 – 1758 гг.// Вестник пед. ун-та. Сер.гуманит. наук. 2013. №4 (53). С. 186-193;

[3] История Афганистана с древнейших времен до наших дней / Отв. ред. Ю.В. Ганковский. М.: Мысль, 1982. 368 с.; Шумов С.А., Андреев А.Р. История Афганистана. Документальное исследование. М.: Крафт, 2002. 236 с.; История Бухары. С древнейших времен до наших дней / Б. В. Лунин, Я. Г. Гулямов, Г. А. Пугаченкова и др. / Под ред. И.М. Муминова. Ташкент, 1976. 383 с.; История Ирана с древнейших времен до конца XVIII в./ Авторы: Н. В. Пигулевская, А. Ю. Якубовский, И. П. Петрушевский, Л. В. Строева, А. М. Беленицкий / Под ред. В.В. Струве, И.А. Орбели, И.П. Петрушевского. М.: Изд. Ленинградского ун-та, 1958. 391 с.; История Казахской ССР. С древнейших времен до наших дней. В 5-ти томах. /[Гл. ред. колл.: А. Н. Нусупбеков (гл. ред.) и др.]. Т. 2. Развитие феодальных отношений. Образование казахской народности и Казахского ханства. Алма-Ата: Наука, 1979. 424 с.; История народов Узбекистана. Т.II. / Под. ред. С.В. Бахрушина, В.Я. Непомнина, А. Шишкина. Ташкент, 1947. 511с.; История Самарканда. Т.1. С древнейших времен до Великой Октябрьской Социалистической Революции / Отв.ред. И.М. Муминов. Ташкент: Фан, 1969. 484 с.; Гафуров Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М.: Наука, 1972. 664 с.; История таджикского народа. Т. 2. Кн.2. М.,1964. 356 с.; История таджикского народа. Т.4. Позднее средневековье и новое время (XVI в.-1917 г.) / Под общ. ред. академика АН РТ Р.М. Масова. Душанбе, 2010. 1124 с.; История Узбекистана. Том 3. (XVI – первая половина XIX века). Ташкент, 1993. 476 с.; История Узбекской ССР: в 2 т. Т.1. Кн.2: Середина XVIII в. 1917 г. / Ин-т истории и археологии АН Уз. ССР / Под ред. М.Г. Вахабова.- 2-е изд., испр . Ташкент: Изд-во АН Уз. ССР, 1956 . 497 с., ил., 4 л. Карт; Турсунов Н.О. История таджиков. Худжанд, 2001. 787 с. (на тадж.яз); Каёнфар Мухаммадризо. История Ирана и мира

Перомуни мавзӯи таҳқиқи мо як қатор рисолаҳои диссертатсионӣ ҳам навишта шудаанд, ки онҳо ба Гераеликорпи Муҳаммад Асғар[1], Ризоифар Марям Исмоил[2], Некзод Келорази Мир Нуроддин[3] мутааллиқ мебошанд. Ҳарчанд ки рисолаҳои мазкур баъзе нуктаҳои муаммои масоили таҳқиқшавандаи моро баррасӣ кардаанд, лекин иқрор кардан зарур меояд, ки дар онҳо на ҳамаи ҷанбаъҳои таърихи ҳарбӣ- сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр мавриди назар қарор ёфтаанд. Сабаб он аст, ки рисолаҳои номбаршуда, пеш аз ҳама, аз нигоҳи сарчашмашиносӣ таҳия карда шудаанд.

Ҳамин тавр, олимон дар тӯли ду садсола ба шарофати таҳқиқоти хеш ба ташаккули анъана ва консепсияҳои муайян мусоидат намуда, масоили баҳсталаби мавҷударо мушаххас карда тавонистанд. Биноан, мусаллам аст, ки то ҳанӯз таърихи мукаммал ва таърихнигории ҳаёти ҳарбӣ- сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳр дар давраи таҳқиқии мо омода нашудааст. Аз ин рӯ, зарурати анҷом додани таҳлили муназзам ва маҷмуии масоили мазкур фаро расидааст ва мо ба иҷрои он иқдом кардаем.

**Ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия**. Ҳадафи асосии таҳқиқи диссертатсионии мо омӯзиш ва пажӯҳиши ҳамаҷониба ва маҷмӯии масоили инъикоси таърихии рӯйдодҳои ҳарбӣ - сиёсӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII маҳсуб мешавад.

Аз ҷониби муаллифи диссертатсия ҷиҳати расидан ба ҳадафи асосӣ вазифаҳои зерин муайян шудаанд:

- бозсозии давраҳои асосии ҳаёти сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII;

- баррасӣ ва таҳлили рӯйдодҳои сиёсии асри XVIII дар Хуросон ва Мовароуннаҳр дар қаринаи таърихи пошхӯрии давлатҳои Сафавиҳо ва Аштархониҳо ва мақом ёфтани Нодиршоҳ дар Эрон ва намояндагони қабилаи манғит дар хонии Бухоро;

-аз нуқтаи назари интиқодӣ таҳқиқ намудани маълумотҳои сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти мавҷудаи илмӣ оид ба масоили шиддат гирифтани бӯҳрони сиёсӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳр бо усули таҳлили қиёсӣ;

- таҳлили маълумотҳои осори таърихии ва муқаррар сохтани сабабҳои марказгурез шудани ҳокимият ва кашмакашҳои байниҳамдигарӣ дар ҳудуди Хуросон ва Мовароуннаҳр;

-инъикоси лашкаркашиҳои Нодиршоҳ ба ҳудуди хониҳои Бухоро ва Хева ва паёмадҳои онҳо аз назари сарчашмашиносӣ ва таърихнигорӣ;

---

в XVI,XVII, XVIII вв. Тегеран: Муаллиф,1381/2002. (на персид. яз.); История иранцев: от появления ислама до распада Каджаров. Тегеран: Дар, 1378/ 1999.

[1] Гераеликорпи Мохаммад Асгар. Трактат Мухаммада Юсуфа Мунши "Та`рихи Муким-хани" как источник по истории Мавераннахра и Хорасана XVI - начала XVIII вв. Дисс…канд. ист. наук. Душанбе, 2013. 164с.

[2] Ризоифар Марям Исмоил. Освещение истории Ирана и Средней Азии первой половины XVIII века в сочинении Мухаммада Казима Мерви «Таърихи оламорои Нодири». Дисс…канд. ист. наук. Душанбе, 2015. 164с.

[3] Никзад Келорази Мир Нуроддин. Военно-политические и дипломатические отношения Ирана с Бухарским и Хивинским ханствами в XVII - первой половине XVIII вв. Дисс…канд. ист. наук. Душанбе, 2015. 169с.

-таҳлили рӯйдодҳои сиёсии иртиботдошта бо оғози ҳукмронии сулолаи манғитиён ва фаъолияти онҳо ҷиҳати марказонидани ҳокимият дар миёна ва нимаи дуюми асри XVIII.

**Объекти таҳқиқ** таҳлили таърихнигории рӯйдодҳои ҳарбӣ- сиёсӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII маҳсуб мешавад.

**Предмети таҳқиқи диссертатсионӣ** таърихи омӯзиши мухтассот ва робитаи байниҳамдигарии воқеоти дорои хислати сиёсӣ дар қаринаи таърихи сиёсати давлатҳои ҳукмрони давраи таҳқиқшаванда дар Хуросон ва Мовароуннаҳр.

**Ҳудуди ҷуғрофиёии таҳқиқот** Эрони марказӣ ва шарқӣ, шимолу ғарби Хуросон (Афғонистон), хониҳои Бухоро ва Хеваи Осиёи Марказиро фаро мегирад.

**Чаҳорчӯби замонии таҳқиқ** давраҳои аз соли 1702 то 1800-ро дар бар мегиранд, ки онро метавон ба ду марҳила тақсим кард:

-марҳилаи якум аз соли 1702 то соли 1758 буда, бо суқути давлати Сафавиҳо ва зуҳур дар арсаи сиёсии Нодиршоҳ, ки соли 1736 қудратро ба даст гирифт, мушаххас мешавад;

- марҳилаи дуюм, аз соли 1758 то соли 1800, ҳангоме ки манғитиён ҳукуматро дар Бухоро ба даст оварданд. Амири нахустини онҳо Раҳимбий (солҳои 1747- 1758), минбаъд Дониёлбий (солҳои 1758- 1785) ва Шоҳмурод (солҳои 1785-1800) ҷиҳати марказонидани ҳокимияти давлатии манғитиён тадбирҳои муассир андешиданд.

**Асоси методологии таҳқиқ**. Таҳқиқи диссертатсионӣ ба усули методологии таърихият асос ёфтааст, ки тавассути он рӯйдодҳо ва зуҳурот дар айёми ташаккул, таҳаввулот, инкишоф ва робитаҳои байниҳамдигарии онҳо дарк карда мешаванд. Дар раванди таҳқиқи диссертатсионӣ ба усули таърихият ва асолат диққати махсус дода шудааст, ки маҳз дар ин замина ба зуҳуроти таърихӣ баҳои беғаразона, яъне бидуни бартаридиҳии ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва ё шахсӣ додан имконпазир мегардад.

Базаи таҷрибавии таҳқиқи диссертатсионӣ ба далелҳое асос менамояд, ки тавассути манбаъҳои ҳаматарафа таҳлилишуда ва боэътимоди таърихӣ арзи ҳастӣ кардаанд. Илова бар ин, бо роҳи истифодаи усулҳои хосаи илмӣ таъкиди вижае дар арзёбии айнии манбаъҳо, бахусус сарчашмаҳои хаттӣ шудааст. Бо ин мақсад аз усулҳои таърихӣ-қиёсӣ ва синхронӣ кор гирифта шудаанд, ки онҳо имконият медиҳанд зуҳурот, рӯйдодҳо ва объектҳо ба ҳайси гузинаҳои муайяне дар ин ё он фосилаи вақт мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Ба ҷуз ин, дар рисолаи диссертатсионӣ тариқи корбурди усулҳои таърихӣ-қиёсӣ ва синхронӣ хулосаҳо ва мувозинаҳои таърихии доманадор ба субут расонида шудаанд.

**Навгонии илмии диссертатсия** аз инҳо иборат мебошад:

1.Дар таърихнигории ватанӣ бори нахуст аз ҷониби муаллиф масъалаи таҳқиқшаванда, яъне таърихи омӯзиши вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII ба хотири пажӯҳиш интихоб карда шуд. Муносибатҳои мухталифи дар адабиёти илмӣ ташаккулёфтаи омӯзиши

рӯйдодҳои минтақаи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба таҳлил ва дақиқназарона ба ҳисоб гирифта шуданд. Мазмуни асосии фарзияи пешниҳодкардаи муаллифи муҳаққиқи масъала чунин аст: воқеоти ҳарбӣ-сиёсӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII барои таърих аҳамияти хосае доранд, аммо то анқариб муаррихон ба онҳо таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир наменамуданд. Бинобар ин, аз ҷониби муаллифи диссертатсия сарчашмаҳо, мухтассот ва паёмадҳои воқеоти ин давра ба ҳайси таҳқиқ пазируфта шуданд.

2.Дар рисолаи диссертатсионӣ ба омӯзиши маҷмӯии сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти таърихие, ки дар онҳо масоили бо сабабҳои пошхӯрии давлатҳо дар Эрон ва Осиёи Миёна (Сафавиҳо ва Аштархониҳо) ва ба сари ҳукумат омадани сулолаҳои ҷадид (Афшориён ва манғитиён) алоқамандбуда баррасӣ гардидаанд, дар қаринаи мубориза алайҳи душманони беруна, кашмакашҳои байниҳамдигарӣ, ихтилофоти дохилӣ ва юришҳои ҳарбии Нодиршоҳ диққати асосӣ равона карда шудааст.

3.Ҳамзамон аз ҷониби унвонҷӯй ба омӯзишу таҳлили муфассали он асарҳои таърихие эътибори алоҳида дода шудааст, ки дар онҳо ҷузъитарин рӯйдоди камаҳамият ё бавоситаи ба мавзӯи таҳқиқшаванда алоқаманд ҷой доранд. Чунин тарзи муносибат ба муаллиф имконият фароҳам намудааст, ки далелҳои ҷадидро аз рӯзномаи воқеоти ҳарбӣ-сиёсии асри XVIIIпайдо сохта, онҳоро ба ҳадди имкон мушаххас гардонида тавонад.

4.Он сарчашмаҳои таърихӣ ва маводҳои наве, ки ҷиҳати пурра намудани холигоҳи саҳифаҳои камомӯхташудаи ҳаёти сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII, алахусус дар раванди ивазшавии ҳокимият дар минтақаи таҳқиқшаванда хизмат мекарданд, мавриди таҳлили бурдборонаи илмӣ қарор дода шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи диссертатсионӣ** аз он иборат мебошад, ки натиҷаҳои таҳқиқ иттилооти мавҷударо доир ба рӯйдодҳои сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII ба дараҷаи назаррас пурра гардонида, мусоидат ба он мекунанд, ки воқеоти мазкур ба таври нав дарк карда шаванд.

Маводҳо, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия минбаъд дар раванди офаридани асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи нави Осиёи Миёна, инчунин, оид ба таърихи ҳудудҳои алоҳидаи минтақа истифода шуданашон мумкин хоҳад буд. Гузашта аз ин, маълумотҳои диссертатсияро ба хотири таҳияи курсҳои махсус ва дастурҳои илмию методӣ оид ба таърихи ватанӣ, минтақашиносӣ, таърихи Эрон ва Афғонистон, ҳини созмон бахшидани нигористонҳо ва намоишҳо дар осорхонаҳои таърихӣ фаровон ба кор бурдан имконпазир аст. Аз маълумотҳои алоҳидаи рисола дар корҳои лексионии маърифатӣ ва амалияи таълимии тарбиявӣ низ баҳраманд метавон шуд.

**Заминаи сарчашмашиносии таҳқиқ**. Аксарияти сарчашмаҳои хаттие, ки дар онҳо вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII мунъакис шудаанд, аз ҷониби уламои Мовароуннаҳр, Эрон, Ҳиндустон ва мамолики дигар, ки бештарни эшон таърихнигорони дарборӣ маҳсуб

меёфтанд, ба забони тоҷикӣ- форсӣ иншо гардидаанд. Дар рисолаи диссертатсионӣ ба гардиши илмӣ маводҳо аз ёддоштҳои сайёҳони русӣ ва аврупоӣ, осори илмӣ, ҳамчунин, маҷмуаҳои ба мавзӯи таҳқиқоти мо алоқаманд ворид карда шуданд.

Дар ҷодаи омӯзиши таърихи Хуросон ва Мовароуннаҳри нимаи якуми асри XVIII иддаи назарраси осори таърихии иншонамудаи муаллифони осиёимиёнагӣ ва эронии давраи феодалии ахир (асри XVIII-ибтидои асри XX) қиммати баланди илмиро доро мебошанд. Хоссатан, рисолаҳои "Таърихи Муқимхонӣ"-и Муҳаммад Юсуфи Муншӣ[1], "Убайдуллонома"-и Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ[2], "Таърихи Абулфайзхон"-и Абдурраҳмон Давлат Толеъ[3], "Таърихи Қипчоқхонӣ"-и Хоҷамқулибеки Балхӣ[4],

"Силсилат ус- салотин"-и Ҳоҷӣ Мирмуҳаммади Салим[5], "Таърихи Нодирӣ"-и Мирзомуҳаммад Маҳдихони Астарободӣ"[6], "Таърихи ҷаҳонкушои Нодирӣ"- и Мирзо Маҳдихони Астарободӣ[7], "Таърихи оламорои Нодирӣ" ва "Номаи оламорои Нодирӣ"-и Муҳаммад Козим[8], "Тӯҳфат-ал-хонӣ" ё "Таърихи Раҳимхонӣ"-и Муҳаммадвафои

---

[1] Мухаммад Юсуф-мунши. Муким-ханская история. // Перевод с таджикского, предисловие, примечания и указатели А. А. Семенова. -Ташкент, 1956.

[2] Мир Мухаммед Амин-и Бухари. Убайдалла-наме./ Пер. с тадж. с прим. А. А. Семенова. Ташкент: изд. АН УзССР. 1957. 326 с.

[3] Абдуррахман Даулат Толе (Тали). История Абдулфайз-хана./пер. с тадж., предисловие, примечание и указатель проф. А.А.Семёнова./отв.ред.чл.кор. АН Уз.ССР Р.Н.Набиев. Ташкент: изд. АН. Уз.ССР . 1959. 173 с.

[4] Ходжамкули-бек Балхи «Таърих-и Кипчак-хани» (пер. с персидского Э. Хуршута)// Материалы по истории Средней и Центральной Азии X-XIX вв. Ташкент, 1988. -С. 256-270. Дар хусуси ин асар таваљљуњ карда шавад.: Бартольд В.В.. О некоторых восточных рукописях (Азиатского музея). // Соч. -Т. VIII. М.: Наука, 1973. С. 340; Миклухо-Маклай Н.Д.Описание таджикских и персидских рукописей Института востоковедения АН СССР. - Вып. 3: Исторические сочинения. М., 1975. -С. 146;

BlochetE. CataloguedesmanuscriptspersansdelaBibliothequeNationale.Vol.I-IV.Paris, 1905-1934. -P. 235

ХоджиМирМухаммедСалим. Силсилат ас-салатин. Ркп. Бодлсянской библиотеки, инв. № 169. (Дар ин хусус ниг. ба иншои: Стори Ч. А. Персидская литература. Био-бпблиографический обзор. 1\1., 1972. Ч. 2. -С. 1149).

[5] Хољї Мир Муњаммад Салим. Силсилат ас-салотин. Дастнави Китобхонаи Ркп. Бодлсянс, инв. № 169. (Дар ин хусус таваљљуњ шавад ба: Стори Ч. А. Персидская литература. Био-бпблиографический обзор. 1\1., 1972. Ч. 2. -С. 1149).

[6] Мирза Мехди-хан Астрабадский. Истории Надир-шаха ("Тарих-и-Надири") // Материалы по истории туркмен и Туркмении, Том II. XVI-XIX вв. Иранские, бухарские и хивинские источники. М.-Л. АН СССР. 1938. -С.141-142.

[7] Астарободӣ, Муҳаммад Маҳдӣ бини Муҳаммад Носир. Ҷаҳонгушои Нодирӣ. Бо эхтимоми Саид Абдуллоҳи Анвор. Теҳрон, 1377.

[8] Марвӣ, Мухаммад Козим. Оламорой-е Нодирӣ. Ҷ.I-III. Интишороти: «Нақш-е Ҷаҳон». Интишороти нахустин с. 1364. (ба забони форсӣ.); Мервӣ, Муҳаммад Казим. Наме-йи аламара-йи Надирӣ. Ҷ.I. Интишори матн ва сарсухани Н.Д. Миклухо-Маклай. М.: Издательство восточной литературы, 1960; Мерви, Мухаммад Казим. Наме-йи аламара-йи Надири. Т.II. М., 1965; Инчунин дар хусуси ин асар ниг.: В.В.Бартольд. Приложение к протоколу X заседания отделения исторических наук и филологии Российской АН 17 сентября 1918 г. Изв. АН по отд. общ.наук, ч. II, П.г., 1919. -С. 927-930; Петрушевский И.П. Очерки, -С. 41-43; Н.Ф.Миклухо -Маклай. О первом томе труда Мухаммеда-Казима, СВ., т. V, М.-Л., 1948. Боз худи ӯ. Труд Мухаммед-Казима и его значение для истории Туркмении, Изв., Турк. Фан. 1945, №5-6; Астарободи Мирзо Мехдихон. Чахонгушои Нодирї. Мураттиб Сайид Абдуллох Анвар. Интишороти:«Анљумане осори миллї». Тењрон, 1341/1962.

Мухаммад-Казим. Нома-йи аламоройи Нодири. / Издание текста, предисловие и общая редакция, Н.Д.Миклуха-Маклая. М., изд. «Наука».1960, т. I, 1965, т. II.

Карминагӣ[1], “Маҷмаъ ал-аркам”-и Мирзобадеъ Девон[2], “Тоҷ ат-таворих”-и Муҳаммадшариф ибни Муҳаммаднақӣ[3], “Таърихи манзум” ва “Футуҳоти амири маъсум (Шоҳмурод) ва Амир Ҳайдар”-и Мирзо Содиқи Муншӣ[4], “Зикри таърихи Абулфайзхон”-и муаллифи номаълум[5], “Махозин-ат-тақво”-и Муҳаммадҳусайн, писари Шоҳмурод, машҳур бо тахаллуси Мирӣ[6], “Таърихи салотини манғития”-и Мирзо Абдуазими Сомӣ[7], “Рисолаи Ҳабибия”-и Ибодулло ибни Ҳоҷӣ Орифи Бухорӣ[8], “Таърихи мухтасари хонадони салтанати мағития”-и Аҳмади Дониш[9] ва “Таърихи амирони манғитияи Бухоро”-и Садриддин Айнӣ[10] қобили таваҷҷуҳи алоҳида маҳсуб мешаванд.

Оид ба вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри давраи таҳқиқи мо, инчунин шоҳидони бисёр ҳодисаҳои муҳим Шайх Ҳазин, Крусенский, Муҳаммад Ҳасани Муставфӣ, Муҳаммадшофеи Теҳронӣ ва дигарон дар асарҳояшон маълумотҳои ҷолиби диққатро сабт намудаанд.[11]

Сафарнома ва ёддоштҳои сайёҳон, сафирон ва тоҷирони аврупоӣ, аз қабили Флорио Беневинӣ[12], Д. Гладишев, Муравин ва Ф.Назаров, А. Вамберӣ, Пошнев ва Сайид Изатулло[13] низ аз зумраи сарчашмаҳои арзишманди таърихӣ маҳсуб мешаванд.

---

[1]Муҳаммад Вафои Карминагӣ. Тӯҳфат-ул-хонӣ (Муқаддима, таҳияи матн, нусхабадал, таълиқот ва феҳристҳои Ҷамшед Ҷӯразода ва Нурулло Ғиёсов). Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. 390 с.

[2]Мирза Бадеъ Диван. Маджмаъ ал-аркам. («Предписная фиска»): приемы документации в Бухаре XVIII в. (Факсимиле рукописи. Введение, перевод, примечание и прил. А.В. Вилдановой). М., 1981. 198 с.

[3] Муҳаммадшариф ибн Муҳаммаднақӣ. Тоҷ ат-таворих. Дастнависи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳон Берунии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, № 1999. л.35а.

[4] Мирзо Содиқ Муншӣ. Таърихи манзум. Дастнависи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳон Берунии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, № 3731.

[5] Зикри таърихи Абулфайзхан. Дастнавис. СПФИВРАН. Инв. № С. 667 (лл. 264б-270а).

[6]Муҳаммад Ҳусайн ибн Шоҳмурод. Махозин ат-тақво фи таърих ал-Бухоро. Дастнависи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳон Берунии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, № 2773.

[7] Мирза Абдал Азим Сами. Таърих-и салатин-и манғитйиа (История мангитского государства).-Издание текста, предисловие, перевод и примечание Л.М.Епифановой. Москва, 1962. -С. 19-20.

[8] Дастнависи ИВ АН РУ, № 4976/III. -Л. 67а-70а.

[9] Ахмад Дониш. История мангитской династии.- перевод, предисловие и примечание И.А.Наджафовой. Душанбе. 1967. 142 с.

[10] Айнӣ Садриддин. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. // Куллиёт. Ҷилди 10. Душанбе, 1966. -С.5-191;

[11] Ҳазин Лоҳиҷӣ Шайх Муҳаммад Алӣ. Тазкират-ул-аҳвол Мураттиб Алӣ Давонӣ. Теҳрон, 1357/1978.; Крусенский. Сафарномаи Крусенский (Путешествие Крусенского). Тарҷумаи Абдураззоқ Данбалӣ.- Теҳрон: интишороти «Тӯс». Нашри якум. 1363; Муставфӣ Муҳаммад ҳасан. Зубдат-ул-таворих. Мурат. Беҳрӯз Гударзӣ. Нашри якум., Теҳрон, 1357/1978; Теҳронӣ М. Торих-е Нодиршоҳӣ (Нодирнома). Раёсати пажуҳишоти мадании вазорати фарҳанг ва маълумоти олӣ. Нашри дуюм, Теҳрон, 1369/1990.

[12] Беневени Флорио. Письма, реляции, журналы. //Посланник Петра I на Востоке. М. Наука. 1986.; Беневени Ф. Реляции из Бухары //Попов А. Сношения России с Хивою и Бухарою при Петре Великом //Записки Императорского Русского Географического общества. Кн.:1Х. СПб., 1853. -С.237-318.

[13] Вамбери А. Путешествие по Средней Азии в 1863 г. СПб.,1865.221 с.; Вамбери Г. История Бохары и Трансоксании с древнейших времен до настоящего. Спб., 1873. - Т. 1-2. 274/228 с.; Вамбери А. Торих-е Бухоро. Аз куњантарин рӯзгор то кунун (История Бухары: от древнейших времен до нашего времени). Тарҷ. Муҳаммад Руҳонӣ. Интишороти:«Суруш». Нашри якум с. 1380; Саёҳати давреши дурӯғин дар хоноти Осиёи Миёна (Путешествие лжестранника в среднеазиатские ханства). Тарҷ. Фатҳалӣ Хоҷа Нуриён. Интишороти: «Наука и культура». 1-е изд. 1337/1958; Пошнев. Сафарномаи Туркистон (Мавераннахр) (Путешествие в Туркестан или Мавераннахр). Тарҷ. Довудхонов М. Мураттиб Ҷамшед Киён. Муассисаи пажуҳишоти маданӣ. -Теҳрон, 1372/1993; Сайид Изатуллоҳ. Сафарномаи Бухоро. Дастнависи №1235 Китобхонаи миллии Эрон.

Таърихи рӯйдодҳои ҳарбӣ- сиёсии Хуросон ва Моварооуннаҳр дар ҳуҷҷатҳои расмии маҷмӯаҳои интишоршудаи "Маводҳо оид ба таърихи Осиёи Миёна ва Маркази асрҳои X-XIX", "Намунаҳои ҳуҷҷатҳои расмии тоҷикӣ", "Маҷмӯаи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои РСС Ӯзбекистон", "Маводҳо оид ба таърихи Осиёи Миёна ва Маркази асрҳои XУ- X1X", "Маводҳо оид ба таърихи туркманҳо ва Туркманистон", "Маводҳо оид ба таърихи РСС Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон" ва ғайра инъикос ёфтааст[1].

Ҳамин тариқа, заминаи сарчашмавии масъалаи таҳқиқшавандаи мо фароҳдоман ва басе гуногунранг маҳсуб мешавад ва нуктаи мазкур моро водор намуд, ки тариқи таҳлили танқидӣ далелҳо ва воқеоти эътимоднокро дарёфта, ба баровардани хулоса ва ҷамъбастҳои асоснок муяссар гардем. Пажуҳишоти бурдборонаи ҷиддӣ натиҷаҳои қаноатбахш ба бор оварда, гузашта аз ин имконият фароҳам сохтанд, ки сарчашмаҳои номашҳури таърихӣ ва иддае асарҳои аз мадди назарҳо дурмондаи таърихнигорони асримиёнагӣ ба гардиши илмӣ ворид карда шаванд.

**Барои ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мешаванд**:

1.Муҳаққиқони муосири таърихи Хуросон ва Моварооуннаҳри асри XVIII бештар ба симои историографӣ ва сарчашмашиносии масъалаи таҳқиқшаванда диққат медоданд ва табиист, ки ба баррасии танқидӣ, ҳаматарафа ва мушаххаси рӯйдодҳои ҳарбӣ- сиёсӣ эътибори казоӣ дода намешуд.

2.Чунонки адабиёти таърихии давраи таҳқиқшаванда гувоҳӣ медиҳанд, Хуросон ва Моварооуннаҳр дар ин айём дар ҳайати иттиҳодияҳои мухталифи давлатӣ қарор дошта, онҳо байни ҳамдигар чи аз ҷихати ҳарбӣ ва чи савдою дипломатӣ муносибат ба роҳ монда буданд.

3.Ба рӯйдодҳои сиёсии Хуросон ва Моварооуннаҳри нимаи якуми асри XVIII омилҳои геосиёсӣ, иқлимӣ, хусусӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва ғайра, ки дар манбаъҳои таърихӣ ба андозаҳои гуогун инъикос ёфтаанд, ба таври назаррас таъсир кардаанд.

4.Тибқи шаҳодати сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти таърихӣ, мухтассоти рӯйдодҳои ҳарбӣ- сиёсии Хуросон ва Моварооуннаҳри давраи таҳқиқшаванда вазъияту шароити зерин таъсиргузор шудаанд: пошхӯрии ду давлати феодалӣ- Сафавиҳо дар Эрон ва Аштархониҳо дар

[1] Материалы по истории Средней и Центральной Азии X-XIX вв. Ташкент, 1988. 414 с.; Материалы по истории Средней и Центральной Азии XV–XIX вв. / Отв. ред. Б.А. Ахмедов. Ташкент, 1988. 413 с.; Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР (СВР). Т. 11. Ташкент, 1987. № 7092; Образцы таджикских официальных документов / Собрал и словарем снабдил А. Семенов// Изд-во Туркестанского Восточного ин-та (учеб. сер.). Ташкент, 1923; Материалы .по истории каракалпаков// Труды ИВ АН СССР. Т. 7. М.-Л., 1935; Материалы по истории таджиков и узбеков Средней Азии. Вып. 2.- Душанбе: Изд-во АН Тадж. ССР, 1954; Материалы по истории туркмен и Туркмении. Т.1. М.-Л., 1939; 1938. -Т.2; Материалы по истории Узбекской, Таджикской и Туркменской ССР// Труды Историко-археологического ин-та и ИВ АН СССР. Т. 1. Вып. 3. - Л., 1932; Русско-иранская торговля в 30-50-е гг. XIX века: Сб. док. / сост. Н.Г. Куканова. М., 1984. 294 с.

Осиёи Миёна, сарафрозӣ ёфтани афшориҳои Нодиршоҳ ва юришҳои ҳарбии ӯ, аз ҷумла ба Осиёи Миёна.

5.Таърихи хонии Бухорои аштархониҳои вопасин Убайдуллохон (с.с. 1702- 1711) ва Абулфайзхон (с.с.1711-1747) бо қувват гирифтани бӯҳрони сиёсӣ ва иқтисодӣ арзёбӣ мегардад. Дар натиҷаи кашмакашҳои байниҳамдигарӣ, ҷудоихоҳии амирони вилоятҳои алоҳида ва зиддиятҳои беохир ҳокимияти аштархониҳо заиф гардида, ба парокандагии ҷиддӣ мувоҷеҳ шуда буд. Абулфайзхон алайҳи юриши Нодиршоҳ муқобилияти фаъолона ва самаранокро созмон бахшида натавонист. Дар натиҷа аввал хонии Бухоро ва дере нагузашта хонии Хева ба вассали Нодиршоҳ мубаддал ёфтанд.

6.Нодиршоҳ тавонист, ки ба шарофати неруи ҳарбӣ, истеъдод ва маҳорати сипаҳсолории худ дар Осиёи Миёна ҳокимияташро ба ҳадди шоиста таҳким бахшад. Воқеан, ба ин кор мавҷуд набудани ваҳдати хонҳои осиёимиёнагӣ низ ба дараҷаи назаррас мусоидат намуд.

7.Тибқи шаҳодати манбаъҳои таърихӣ, оҷизӣ ва беҳунарии Абулфайзхон, бесарусомонии комили ҳокимият ва ҳуҷуми Нодиршоҳ муҷиби барҳам хӯрдани давлати Аштархонӣ гардид, ки дар натиҷаи он тахти хониро дар Бухоро манғитиён соҳибӣ намуданд. Намояндаи нахустини манғитиён Муҳаммад Раҳимбий ҳукумати аштархониёнро барҳам дода, сиёсати марказонидани ҳокимияти сулолаи хештанро пеш гирифт. Тадбирҳои марказонидани ҳокимият дар замони Дониёлбий ва амир Шоҳмурод муваффақона идома бахшида шуданд.

**Санҷиш ва татбиқ**. Натиҷаҳои таҳқиқ, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои алоҳидаи таҳқиқ дар интишороти муаллифи рисолаи диссертатсионӣ инъикос ёфта, инчунин дар конфронсҳои илмию амалии вилоятӣ ва ҷумҳуриявии олимон ва мутахассисони ҷавон пешкаши аҳли назар гардонида шудаанд.

Аз рӯи мавзӯъи диссертатсия дар маҷаллаҳои шомили феҳристи маҷаллаҳои ретсензияшавандаи КОА-и Федератсияи Русия шаш мақола чоп кунонида шудаанд.

Рисолаи диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи таърихи нав ва навтарини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима карда, ба ҳимояи оммавӣ тавсия гардидааст.

**Сохтори рисола**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ параграфи хулоса, рӯйихати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрам будани мавзӯи таҳқиқ асоснок ва дараҷаи коркарди илмии масъалаи матраҳшаванда ошкор карда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ муайян, объект ва предмети таҳқиқ мушаххас гардонида, инчунин, сарчашмаҳои истифодашуда тавсиф карда, асоси методологии кор нишон дода, навгонии илмӣ ва аҳамияти

амалии диссертатсия муайян карда, муқаррароти ба ҳимоя манзуршаванда ташаккул дода шудаанд.

Боби нахустини диссертатсия **“Таҳқиқи равандҳои сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри нимаи якуми асри XVIII”** ба таҳлили сарчашмашиносии вазъияти сиёсӣ, муборизаҳои байниавлодӣ ва байнисулолавӣ, парокандагии сиёсӣ, ҳаракат ва шӯришҳои халқӣ, задухӯрдҳои мусаллаҳонаи давлатҳо ва қабилаҳои Хуросон ва Мовароуннаҳри нимаи якуми асри XVIII бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби аввал **“Таърихнигории вазъияти сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри ибтидои асри XVIII”** дар асоси омӯзишу пажуҳиши осори хаттии муаррихони осиёимиёнагӣ, эронӣ ва хориҷӣ мухтассоти ҳаёти сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳр дар нимаи якуми асри XVIII мавриди таҳлил қарор дода, муҷибот ва паёмадҳои ҷангу ҷидолҳои байниҳамдигарӣ, ғайримарказонии ҳокимияти сиёсӣ, густариш ёфтани зухуроти бӯҳронӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ошкор карда шудаанд.

Муаллиф таҳқиқоти С.О.Кишмишев, В.М.Массон, В.А.Ромодин, И.П.Петрушевский, М.Р.Арунова, К.З. Ашрафянро ҳаматарафа таҳлил намуда, ба шарофати баҳрамандӣ аз осори муҳаққиқони дигар вазъи бесарусомонӣ ва парокандагии сарзамини Хуросонро, ки ба ҳайати давлати Сафавиҳои Эрон шомил мегардид ва бо заифии намояндаи вопасини хонадони мазкур шоҳ Султон Ҳусайн иртиботи бевосита дошт, ҷамъбаст намудааст. Тафсили ин воқеот дар асари “Юришҳои Нодиршоҳ ба Ҳирот, Қандаҳор, Ҳиндустон ва рӯйдодҳо дар Эрон пас аз марги ӯ”, ки аз ҷониби муҳаққиқи рус С.О.Кишмишев соли 1889 таҳия шудааст, манзур гардидааст[1].

Муаррихони машҳур В.М.Массон. В.А.Рамодин ҳини баррасии таърихи Афғонистон таъкид намудаанд, ки ҳудуди Хуросон, чун дигар вилоятҳои Сафавиҳо дар ибтидои асри XVIII дар ҳолати парокандагӣ қарор дошт. Сабаб он буд, ки ҷихати ба даст овардани ин сарзамин байни империяи Муғул (давлати Бобуриҳои Ҳинд) ва Сафавиҳо муборизаи пуршиддати бардавом қатъ намеёфт. Ба Сафавиҳо лозим меомад, ки на танҳо бо Империяи Муғулҳо, балки зиёда аз ин, бо қабилаҳои афғонии гилзай ва абдалӣ, ки баҳри истиқлолияти хештан кӯшиши хастанопазир мебурданд, дар пархоши доимӣ қарор дошта бошанд.[2] Тибқи маълумоти И.П.Петрушевский, Хуросон дар ибтидои асри XVIII ба як қатор вилоятҳо[3] тақсим шуда буд, ки дар онҳо шӯриши алайҳи Сафавиҳо торафт бештар аланга мегирифт.

Қабилаҳои афғонии маскуни вилояти Ҳирот, ки аз зулму истибдоди бахусус дар охири асри ХУ11 ва аввали асри XVIII қувватгирифтаи феодалҳои эронӣ норозӣ буданд, инчунин ба сабаби

---

[1] Кишмишев С.О. Походы Надир-шаха в Герат, Кандагар, Индию и события в Персии после его смерти. Тифлис, 1889. -С.2.

[2] Массон В.М., Ромодин В.А.История Афганистана. Том II. М.: Наука, 1965. -552 с.

[3] Петрушевский И.П. Очерки по истории феодальных отношения в Азербайджане в XVI- начале XIX вв. Л., 1949. С.121.

ихтилофоти динӣ (пеш аз ҳама неруи дучандон касб намудани таъсири рӯҳониёни шиамазҳаб) шӯриш бардоштанд. Дар аввал ба Сафавиҳо шӯришгарони гилзайӣ бо роҳбарии Мирвайс, ки соли 1709 дар Қандаҳор сар бардошта буданд, зарбаи ҷонкоҳ заданд.

М.Р.Арунова исёни солҳои 1716-1732-юми Ҳиротро махсус баррасӣ намудааст. Тибқи гувоҳдоди мавсуф, соли 1716 дар Ҳирот қабилаи абдалӣ бо роҳбарии Абдуллохони Садозай ва писари ӯ Асадулло парчами шӯриш баланд намуданд. Ба онҳо муяссар гардид, ки дар охири соли 1717 бо мадад ва дастгирии фаъолонаи сокинони Ҳирот бар замми шаҳри номбурда боз ноҳияҳои Мурғоб, Бодғис, Қусувия ва Ғӯриёнро[1] зери тасарруфи хештан даров863анд.

Дар Астаробод дар ибтидои асри XVIII яке аз муқтадиртарин феодалҳои маҳаллӣ Фадҳалихони қоҷор мустақилона ҳукмронӣ менамуд. Ҳангоме ки афғонҳо пойтахти Сафавиҳо- Исфаҳонро моҳи июни соли 1722 ишғол намуданд, Фатҳалихон писари Султон Ҳусайн- Мирзо Таҳмоспи дуюмро, ки пас аз таслим гардидани Исфаҳон хештанро шоҳи Эрон эълом дошта буд, таҳти паноҳаш гирифт.[2]

Дар Абевард Бобо Алибек зимоми ҳукумат дар даст дошт. Солҳои 20-уми асри XVIII дар дарбори ӯ Нодирқулӣ ба хидмат пардохта буд. Ба шарофати амалиётҳои ҷангии ӯ сарзаминҳои Калот ва Дастҷирд таҳти тасарруфи Бобо Алибек ҳамроҳ карда шуданд.

Дар солҳои 20-уми асри XVIII Малик Маҳмуди Каёнӣ (Систонӣ)-ҳокими Хуросон муқтадиртарин феодал эътироф гардида буд. Ӯ ҳукми хештанро қариб ба тамоми ҳудудҳои Хуросон ва Систон раво карда тавонист. Дар он замоне, ки афғонҳо сарзамини Эронро таҳти тасарруфи хеш даровcovered, иддае феодалҳо кӯшиши дар Хуросон фармонраво шуданро пеш гирифтанд. Довталабони асосии иддаои мазкур Малик Маҳмуд ва Нодирқулӣ ба шумор мерафтанд. Нодир борҳо ҷаҳд намуд, ки пойтахти Малик Маҳмуд-шаҳри Машҳадро тасарруф созад, аммо гавхари мақсуд ба даст оварда натавонист. Танҳо пас аз ба кӯмак расидани сипоҳи Таҳмосп ва Фатҳалихони қоҷор соли 1726 ба Нодир муяссар гардид, ки бо неруи муттаҳида аз болои Малик Маҳмуд зафар ёбад.

Баъди ин ғалаба мақоми эътибори Нодир бехад афзун гардид. Ӯ мавқеи хештанро дар Хуросон бо қатъияти рӯзафзун таҳким бахшидан гирифт ва чунин мақсад ба Хабушон, Дерегез, Марв, Астаробод ва Мозандарон ҳуҷумҳои муттасил созмон дода, қабилаҳои курд ва туркмани Хуросонро муттаҳид карда тавонист. Ба Нодир муяссар шуд, ки дар муддати кӯтоҳ тамоми шимолу шарқи Эронро таслим созад.

Дар ин давра Муҳаммад Алибек (намояндаи хонадони қоҷорҳо) вилояти Марвро комилан мустақилона идора карда, ҳокимони

[1]Арунова М.Р. Гератское восстание 1716-1732 гг.// Независимый Афганистан. М.,1958. С.155-156.
[2] Арунова М.Р.,Ашрафян К.З. Государство Надир-шаха Афшара. М., 1958. С.54-55.

таъйинкардаи сафавиҳоро эътироф намекарду ба зимоми ҳукуматро ба эшон вогузор намесохт.[1]

Муаррихон М.Р.Арунова ва К.З.Ашрафян воқеоти бо шикасти сулолаи қоҷорҳо иртиботдоштаро ҳамаҷониба таҳлил намуда, таъкид кардаанд, ки Нодиршоҳ баъди бар тахт нишастани худ ба ҳукмронии хонадони маҳаллии қоҷорҳои Марв хотима гузошт. Ӯ ҳукумати Марвро ба уҳдаи дастнишондаи худ писари Бобо Алихони Афшор- Қалб Алихон вогузор намуд. Аммо соли 1741 пас аз бозгашташ аз юриши Осиёи Миёна дубора ба ҳокимии Марв намояндаи хонадони қоҷорҳо Шоҳқулибек- писари Муҳаммад Алибекро баргузид.[2]

Дар давраи таҳқиқшаванда Балх, Андхой ва Қундуз, ки феълан дар ҳудуди Хуросон воқеъ буданд, ба номаш ба хонии Бухоро тобеият доштанд.

Дар ибтидои асри XVIII дар Мовароуннаҳр дар натиҷаи кашмакашҳои байниҳамдигарӣ ва исёнҳои феодалон бӯҳрони амиқу пурмашаққате оғоз гирифт, ки батезӣ ҳаёти хоҷагӣ ва мадании минтақаро фалаҷ сохт. Мусаллам аст, ки бӯҳрони мазкур тадриҷан пухта мерасид ва дар ин бобат, пеш аз ҳама, шароитҳои номусоиди рушди хоҷагидории давлати Аштархониҳо мусоидат менамуданд.

Аз охирин намояндагони Аштархониён- Убайдуллохон (с.1702-1711) ва Абулфайзхон (с.с.1711-1747) дар хонии Бухоро ҳукмронӣ доштанду ҷиҳати таҳким бахшидани ҳокимияти марказӣ кӯшишҳои бефоида аз худ зоҳир менамуданд. Ҳамоно баъди ба тахт нишастани Убайдуллохон гурӯҳҳои кӯчманчӣ ва дарборӣ барои ба ҷониби хештан моил сохтани хон дасисаангезӣ оғоз намуданд. Тафсили ин гуна мубориазаро муаррихи рус А.К. Алексеев таҳқиқ намудааст. Тибқи гувоҳдоди ӯ, дар ин ҷода Муҳаммад Раҳимбийи юз ва Аллоҳбердибий парвоначӣ аз ҳама бештар муваффақ шуда тавонистанд, ки ҳар ду ҳам ба хон қарин гардида, барои соҳиб шудан ба ҳукумати Самарқанд ҷаҳду талош намуданд. Убайдуллохон шаҳри номбурда банавбат гоҳе ба ихтиёри якумӣ ва гоҳе ба ихтиёри дуюмӣ вогузор намуда, зимнан мекӯшид, ки таъсири ин пешвоёни бонуфузу хавфангези бодиягардро коҳиш диҳад[3].

Муаррих М.А.Абдураҳимов кашмакашҳои байниҳамдигарии давраи мазкурро ошкор карда, таъкид менамояд, ки сабабгори заифии ҳокимияти марказӣ қувват гирифтани мубориазаҳои байниҳамдигарии намояндагони он маҳсуб мешуд.[4]

Дар диссертатсия бо далелҳои боварибахш нишон дода мешавад, ки беистеъдодӣ ва корношоямии Абулфайзхон, афзудани парокандагии сиёсӣ, вайрон шудани корҳои давлатӣ ва бесарусомонӣ дар рисолаҳои

---

[1] Муҳаммад Козими Марвӣ. Оламорои Нодирӣ. Ҷ. 1. С. 126;

[2] Арунова М.Р., Ашрафян К.З. Государство Надир-шаха Афшара…С.114.

[3] Алексеев А.К. Политическая история Тукай-Тимуридов: По материалам персидского исторического сочинения «Бахр ал-асрар». Спб., 2006. С.180.

[4] Абдураимов М.А. Очерки аграрных отношений в Бухарском ханстве в XVI – первой половине XIX века. Ташкент.- 1966. Т.1. -С.137.

“Таърихи Абулфайзхон”-и Абдурраҳмон Давлат Толе (Талӣ)[1], “Туҳфат-ул- хонӣ”-и Муҳаммадвафои Карминагӣ[2], “Таърихи салотини манғития”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ[3] ба таври барҷаста инъикос гардидаанд.

Дар замони ҳукмронии Абулфайзхон равандҳои сиёсии парокандагӣ қувват гирифтанд. Тибқи далелҳои манзуркардаи Б.Аҳмадов, ба неруҳои марказгурез муяссар гардид, ки ҳукумати Абулфайзхонро фалаҷ гардонанд. Дар солҳои 1722- 1731 дар Самарқанд хонии Самарқанд таъсис дода, Раҷабхон соҳиби тахт эълон гардида буд. Кенегасҳои Шаҳрисабз ошӯбҳои ҷудоихоҳонаи худро идома медоданд. Дар давоми солҳои 1722- 1729 кӯчманчиёни дашти Қипчоқ дар ҳудуди хонии Бухоро тохтутозҳои муттасил мекарданд.[4] Пархошҳои тӯлонӣ, кашмакашҳои амирон ва ҷудоихоҳии онон оқибат муҷиби заифии ҳокимияти марказӣ гардид.

О.Д.Чехович ба маълумоти Муҳаммадвафои Карминагӣ истинод намуда, қайд месозад, ки дар солҳои 20-40-уми асри XVIII ҳукми Абулфайзхон “танҳо ба ноҳияҳои наздиктарин - Вобканд, Ғиждувон, Вардонзӣ ва Қарокӯл раво буду бас, воқеан, ҳамин номбурдагон ҳам ба хони худ ба номаш тобеъият зоҳир менамуданд... Вилоятҳои фарох ва бойи Фарғона (Қӯқанд, Намнагон, Андиҷон ва Марғилон), инчунин вилоятҳои Тошканд, Хуҷанд, Ӯротеппа, ҳамаи заминҳои Туркистони Ҷанубӣ (Балх, Андхой, Шибирғон ва Маймана), Шаҳрисабз ва ҳатто Самарқанд аз хонии Бухоро ҷудо гардиданд” [5]. Аз Бухоро ҳамчунин Ҳисор ва Термиз канда шуданд[6].

Бояд гуфт, ки дар рисолаи диссертатсионӣ инчунин вазъияти сиёсии хонии Хива дар нимаи якуми асри XVIII, ки хеле ташвишангез гардида буд, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ҷангҳои дохилӣ ва ҳамдигарро бенавою муфлис намудан боиси вайрон гардидани шабакаи савдо бо кишварҳои ҳамсоя шуданд. Ҳукумати хонӣ басе заифу нотавон гардида, аз қувваи реалӣ комилан маҳрум буд ва аз амалиёти гурӯҳҳои туркман ва ӯзбек сахт вобаста буд. Маҳз душманситезии беохир ва задухӯрдҳои пайвастаи қабилаҳои туркман ва ӯзбек боиси бесарусомонии сиёсӣ дар хонигарӣ гардид[7]. Бухоро ва Хива мудом дар вазъи ҷангӣ қарор доштанд.

Ҳамиин тариқа, ҳукуматҳои хонӣ дар Бухоро ва Хива дар солҳои 40-уми асри XVIII дар натиҷаи парокандагии сиёсӣ ва бесарусомонии

---

[1] Абдуррахман Даулат Толе (Тали). История Абдулфайз-хана/Пер.с тадж., предисл., примеч. и указ. проф. А.А.Семёнова; Отв.ред.чл.-корр. АН Уз.ССР Р.Н.Набиев. Ташкент: Изд-во АН. Уз.ССР, 1959. -С.37.

[2] Муҳаммад Вафои Карминагӣ. «Туҳфат-ал-хонӣ» (Таърихи Раҳимхонӣ).дастнависи ИЯЛВПН АИ ҶТ. -№1426. -в.36.

[3] Мирза Абдал Азим Сами. Таърих-и салатин-и мангитйиа (История мангитского государства) /Изд. текста, предисл., пер. и примеч. Л.М.Епифановой. М., 1962. -С.41.

[4] Ахмедов Б.А. Историко–географическая литература. -С. 94, 115.

[5] Чехович О.Д. О некоторых вопросах истории Средней Азии XVIII-XIX- вв. // Вопросы истории. 1956. № 3. -С. 86; История Бухары с древнейших времен до наших дней. Ташкент: Изд – во «Фан», 1976. -С. 119.

[6] История Бухары с древнейших времен до наших дней. Ташкент: Изд – во «Фан», 1976. -С. 119.

[7] Атдаев С.Д. Борьба северных туркмен против господства Надир-шаха в Хиве. Автореферат канд.ист. наук. Ашгабад, 1993. -С. 15.

иқтисодӣ торафт қувват бохтан гирифтанд. Дар Мовароуннаҳр пас аз барҳам хӯрдани ҳукмронии хонадони Шайбониён дар ҷодаи баргузидани хонҳо пешвоёни қабилахои ӯзбек мақоми ҳалкунанда пайдо намуданд.

Дар зербоби дувуми боби аввал **“Инъикоси шиддат гирифтани бӯҳрони сиёсӣ ва афзудани нуфузи Нодиршоҳ дар Хуросон дар адабиёти таърихӣ”** сарчашмаҳои хаттие таҳлил карда мешаванд, ки дар онҳо нишонаҳои инқирози давлати Сафавиҳо ва ба сари қудрат омадани намояндагони қабилаи афшори Нодиршоҳ ҷой дода шудааст.

Дар диссертатсия муаллиф ба таҳқиқоти Лоренс Лакҳарт, ки масоили пошхӯрии ҳукумати Сафавиҳоро муфассал таҳлил кардааст, истинод менамояд. Тибқи маълумоти манзурдоштаи ӯ, инқирози давлати Сафавиҳо дар ибтидои асри XVIII комилан маълум гардид. Нишон дода мешавад, ки зиддиятҳои байниқабилавӣ, саркашӣ намудани феодалҳои алоҳида аз итоат ба шоҳ ба ҳукмронии сулолаи Сафавиён хотима бахшиданд. Лоренс Лакҳарт таъкид месозад, ки сабаби асосии сиёсии инқирози Сафавиён, пеш аз ҳама, аз айёшӣ, ишратпарастӣ ва заифии шоҳони охирин иборат буд[1]. Ғайр аз ин, шоҳони охирини Сафавӣ барои таҳким бахшидани сипоҳи давлатӣ тамоман этибор намедоданд.

Сафири Петри 1 дар Эрон Артемий Волинский дар хусуси беистеъдодӣ ва заифии шоҳ Султон Ҳусайн ниҳонӣ хабар медод[2]. Дар вазъияти фишоровариҳои динӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин, ҷангҳои байниҳамдигарӣ дар мулкҳои алоҳидаи Сафавиҳо, аз ҷумла дар Арманистон, Доғистон, Шервон ва Афғонистон феодалҳо ба исёну ҷунбишҳои мардумӣ барои ба даст овардани истиқлолият мепайвастагӣ шуданд.

Дар тадқиқотҳои Н.В.Пигулевская ва Н.Д. Миклухо-Маклай тафсилоти қувват гирифтани шӯришҳо ва ҳаракатҳои халқӣ дар ибтидои асри XVIII дар бисёр вилоятҳо ва шаҳрҳои Сафавиҳо ташреҳ дода шудаанд. Бино ба маълумоти муаллифони мазкур, шаҳри Қандаҳор бо музофоти атрофи худ, ки афғонҳо маскун буданд, ҷузъи давлати Сафавиҳо ба ҳисоб мерафт. Дар ин ҷо қабилаи аз ҳама баландмақом гилзай маҳсуб мешуд, ки намояндагони он соли 1709 таҳти роҳбарии Мир Вайс таҳти шиори муборизаи сунниҳо алайҳи шоҳи шиамазҳаб шӯриш бардошта буданд. Дар натиҷаи ин шӯриш Қандаҳор аз мулки Сафавиҳо ҷудо гардид. Дар рисолаи диссертатсионӣ солҳои ҳукмронии Абдуллоҳ (1715-1717) ва Мир Маҳмуд (1717-1725) дар Қандаҳор баррасӣ ва таҳлил карда шудаанд. Ду юриши ҳарбии Мир Маҳмуд бар алайҳи Сафавиҳо баён ёфтаанд. Юриши якум (соли 1720) нобарор буд, дар юриши дуюм, ки дар охири соли 1721 оғоз гардид, Мир Маҳмуд бо мадади гилзайҳо, абдалӣ ва қабилаҳои дигари афғонӣ пойтахти

---

[1] Лакҳарт Лоренс. Сарнагунии хонадони Сафавиҳо. Тарҷ. Исмоили Давлатшоҳӣ. Теҳрон: Интишороти «Илм ва фарҳанг” нашри дуюм. -С. 9-10

[2] Пигулевская И.В. и др. История Ирана с древнейших времен до XVIII в. С.610-611; Кишмишев С.О. Походы Надир-шаха в Герат, Кандагар, Индию…-С.2.

Сафавиҳо Исфаҳонро таҳти муҳосираи хештан қарор дод[1]. Аз ин ҳангом сар карда нуфузи афғониҳо дар Форс, Кирмон ва Ироқ паҳн шудан гирифт. Қисмати назарраси Эрон, аз ҷумла баъзе вилоятҳои Хуросон таҳти тасарруфи ҳукумати афғонии Мир Маҳмуд қарор гирифтанд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда давлати усмонии Туркия доир ба таҳким бахшидани мавқеи хештан дар Шервон ва ҳудудҳои дигари аз Сафавиҳо ҷудошуда пурзӯр кардан гирифт. Қӯшунҳои Петри 1 бошад, вазъи созгорро ба манфиати худ дониста, сентябри соли 1722 Дарбанд ва соли 1723 бошад, шаҳри Бокуро тасарруф намуданд. Ҳамаи ин Таҳмоспро водор сохтанд, ки бо нияти мубориза бурдан алайҳи Туркия ва афғонҳо бо Русия ба гуфтушунид пардозад.

Дар ин давра қишрҳои васеи аҳолии Эрон, пеш аз ҳама, деҳқонон ва ҳунармандони шаҳрҳо ба муборизаи зидди афғонҳо ва яғмогарони дигар ба по хестанд. Ихтилофу ҷангҳои байни суннӣ ва шиаҳо беш аз пеш қувват гирифтанд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ далелҳое манзур карда шудаанд, ки бо пайдоиши Нодирқулӣ (намояндаи қабилаи туркмании афшор- хонадони каркулу ийилии қизилбошҳо) арсаи сиёсии Эрон иртибот доранд. Нодурқулӣ дар замони пуризтироби соли 1722, ҳангоме ки кишварро афғонҳо ва туркҳо ишғол карда буданд, гурӯҳи роҳзанонро роҳбарӣ намуда, муборизаро бар зидди яғмогарони хориҷӣ ибтидо бахшид ва дар ҷангҳои байниҳамдигарӣ ҳарчӣ бештар ширкат кардан гирифт. Ба Нодир муяссар шуд, ки дар муддати кӯтоҳ мақоми ҳарбӣ- сиёсии худро аз дарёи Атрак то руди Ҳабушан мустаҳкам созад[2]. Нодир амалиётҳои муваффақонаи ҳарбиро бо камоли маҳорату ҷасорат ба субут расонида, аз болои Марв, Ҷувин, Исфароин, Сарахс, Бодғис ва ҳудудҳои дигари Хуросон назорати хештанро ҷорӣ намуд.

Тибқи гувоҳдоди Мирзо Маҳдихон дар "Ҷаҳонкушои Нодирӣ", Нодирқулӣ бо дастгирии неруҳои атрофи худ ҷамънамуда тавонист, ки аз болои ҳарифонаш зафар карда, Марв ва Нисоро ҳам ба давлаташ ҳамроҳ созад[3].

Таҳлили сарчашмаи хаттии "Оламорои Нодирӣ"-и Муҳаммад Козими Марвӣ ошкор менамояд, ки ба шоҳи охирини Сафавӣ-Таҳмосп низ дар чунин вазъияти мураккаби сиёсӣ Нодирқулӣ лозим буд. Таҳмосп соли 1726 ба Нодирқулӣ салоҳиятҳои фарохе бахшида, неруҳои ҳабии давлати Сафавиро ба ихтиёри ӯ вогузор намуд. Маълумоти ба хидмати шоҳ Таҳмоспи 11 омадани Нодирқулӣ дар нигоришоти Муҳаммад Козими Марвӣ, Мирзо Маҳдихони Астарободӣ ва дар асарҳои таърихии Ҷонсон Хонвей, М.Р.Арунова ва К.З.Ашарафян қайд карда шудааст.

Дар боби мавриди назар қайд карда мешавад, ки Нодир лашкари шоҳиро зери фармони худ дошта, силсилаи амалиётҳои ҷангиро муваффақона ба анҷом расонида тавонист. Ба ӯ муяссар гардид, ки дар

---

[1] Пигулевская Н.В. и др. История Ирана с древнейших времен до конца 18 века. С. 309-311; Миклухо-Маклай Н.Д. Из истории афганского владычества в Иране (20-е гг.XVIII в. )// Ученые записки ЛГУ. № 179
[2] Кишмишев С.О. Походы Надир-шаха в Герат, Кандагар, Индию…С.60.
[3] Мирзо Маҳдихони Астарободӣ. Ҷаҳонгушои Нодирӣ. Дастнависи №852. С.23

раванди мубориза бо афғонҳо ва туркон ба шарофати ба по хестани доираҳои васеъи кишвар бар алайҳи таҷовузгарони беруна ҳукумати Эронро ба даст гирад.

Муаллифи таърихномаи "Оламорои Нодирӣ" Муҳаммад Козими Марвӣ тафсилоти сарнагун сохтани Таҳмоспи 11 ва мақоми ҳалкунандаи Нодирро дар ин кори муҳим хабар медиҳад. Дар асари мазкур қайд карда мешавад, ки соли 1732 Нодир аз норизоии мардум аз сиёсати Таҳмосп, инчунин, ҷанги бебарори Эрон бо Туркияи усмонӣ, баста шудани сулҳи хоркунандаю таҳқиромез моҳирона истифода бурда, анҷумани (қурултой)-и амирон ва ашрофи Эронро даъват намуда, Таҳмоспи II-ро аз тахт маҳрум сохт[1]. Ба тахт писари шашмоҳаи Таҳмосп-Аббоси III баргузида шуд, ки дар давоми солҳои 1732- 1736 шоҳи Эрон эътироф мегардид. Нодир ноибуссалтана шинохта шавад ҳам, ба сабаби хурдсолии шоҳ феълан идораи мамлакатро ба дасти худ гирифта буд[2]. Чунонки Муҳаммад Козими Марвӣ ва Мирзо Маҳдихони Астарободӣ қайд мекунанд, Нодир соли 1736 дар водии Муғон, дар лашкаргоҳ анҷумани (қурултойи) ашрофи эорониро даъват намуд, ки дар он маросими тоҷгузории Нодир баргузор карда, номбурда шоҳи Эрон эълон гардид[3].

Ҳамин тариқа, таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ собит менамояд, ки давлати замоне муқтадири Сафавиҳо дар ибтидои асри XVIII дар натиҷаи таназзули иқтисодӣ, афзудани андозу хироҷҳои гуногун, барҳам хӯрдани лашкали доимии тавоно, ҷангҳои дохилӣ, пурзӯр гардидани таъқиботи динӣ, ҷунбишҳои мардумӣ, ба мамлакат ҳамла овардани яғмогарони беруна қувваи худро ба боди фано дода, аз ҷиҳати ҳарбию сиёсӣ комилан заиф гардид. Дар чунин вазъияти сарнавиштсоз дар арсаи сиёсӣ Нодир зуҳур карда, ҳукуматро аз они худ сохта, тохтутозро ба давлатҳои ҳамҷавор пеш гирифт.

Боби дуюми диссертатсия **"Равандҳои сиёсии Мовароуннаҳр ва Хуросони нимаи дуюми асри XVIII"** ба таҳлили сарчашмашиносӣ ва историографии қувват гирифтани ҷангҳои байниҳамдигарӣ, ғайримарказӣ шудани ҳокимияти сиёсӣ, реша рондани зухуроти бӯҳронӣ дар ҷумлаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар замони ҳукмронии намояндагони вопасини аштархониҳо, барҳам хӯрдани зимомдории онҳо ва ба ҳокимият расидани манғитиён ихтисос дода шудааст.

Дар зербоби аввали боби дуюм **"Лашкаркашии Нодиршоҳ ба Мовароуннаҳр тибқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти таърихӣ"** манбаъҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ, ки дар онҳо равандҳои сиёсии дар охири солҳои 30-ум ва ибтидои солҳои 40-уми асри XVIII инъикосгардидаи Мовароуннаҳр ҷой доранд, мавриди таҳлил қарор

[1] Муҳаммад Казими Марвӣ. Оламорои Нодирӣ. Қ. 1. С. 223
[2] Ҳамон ҷо. .-С. 231-233; Джонс Хонвей. Жизнь Надиршаха. С.97.
[3] Мирзо Маҳдихони Астарободӣ. Ҷаҳонгушои Нодирӣ. / Бо эҳтимоми Саид Абдуллоҳ Анвор. – Теҳрон, 1377 х. -С.266-269; Муҳаммад Козими Марвӣ. Оламорои Нодирӣ. Бо тасҳеҳи доктор Муҳаммад Амин Риёҳӣ. Теҳрон, 1364 ҳ. С. 446-458; Аббас Иқболи Аштиёнӣ. Таърихи Эрон пас аз ислом. С. 621-624;

дода, ҳамзамон масоили ҳуҷуми афшориҳо бо сарпарастии Нодиршоҳ ба Бухоро ва Хоразм баррасӣ шудаанд. Нодиршоҳи Афшор аз соли аввали ҳукмронии худ (соли 1736) нерӯи ҳарбияшро ҳаматарафа пурзӯр карда, ба юришҳои ҷангӣ пардохт. Ҳангоме ки ӯ ба ҷониби Қандаҳор ва Ҳирот лашкар кашид, дастаи ҷангӣ таҳти фармондиҳии писараш Ризоқулӣ Андхуд, Балх, Гузар ва дигар шаҳру деҳоти вилояти Балхро тасарруф намуд.

Иқдоми минбаъдаи Ризоқулӣ юриши бебарор ба Қаршӣ буд, ки дар он ҷо намояндаи қабилаи манғит Ҳакимбий- оталиқ ҳукмронӣ дошт. Тафсилоти ин тохтутози нобарор дар рисолаи “Оламорои Нодирӣ”-и Муҳаммад Козими Марвӣ ва хотироти Мирзо Шамси Бухорӣ “Оид ба бархе рӯйдодҳо дар Бухоро, Қӯқанд ва Қошғар”, ки дар нигориши В.В. Григорйев бо тарҷума ва тавзеҳоти мавсуф ҷой дода шудааст, инчунин, дар “Гулшан-ул-мулук”-и Муҳаммад Яъқуб ибни Дониёлбий, “Туҳфат-ул-хонӣ”- и Муҳаммадвафои Карминагӣ ва ҳам “Таърихи халқҳои Ӯзбекистон” ҷой дорад. Дар рисолаи диссертатсионӣ сабабҳои аз ҷониби Нодиршоҳ ба Балх бозхонда шудани сипоҳи Ризоқулӣ ошкор карда шудаанд.

Нодиршоҳ пас омодагии пухта ба ҷониби Бухоро лашкар кашид. Мӯҷиботи юриши ҷангии Нодиршоҳро ба Осиёи Миёна Лакҳарт Лоренс муқаррар намуда, аз ҷумла онҳоро тариқи зерин арзёбӣ кардааст: аввалан, набудани ваҳдати сиёсӣ дар Осиёи Миёна; сониян, хоҳиши бар болои хонҳои маҳаллӣ ҳукми худро раво намудани Нодиршоҳ; сеюм, таъмини амният дар сарҳадоти шимолии Хуросон, ки ба ҳуҷумҳои пайвастаи қабилаҳои ӯзбек ва туркман дучор мегардиданд; ва ниҳоят, пешгирии нерӯ ёфтани таъсири Русия, алалхусус дар Хива.

Юриши мовароуннаҳрӣ ё худ туронии Нодиршоҳ пас аз аз ҷониби ӯ забт гардидани Ҳиндустон, Синд ва Балуҷистон дар соли 1740 пеш гирифта шуд. Нодиршоҳ дар замоне ба юриши Бухоро иқдом намуд, ки хонигарӣ дар ҳолати пошхӯрии дохилӣ, дар вазъи бесомонии сиёсӣ, норозигии мардум ва ғ. қарор дошт.

Дар диссертатсия вазъияти бо дастгирии Нодиршоҳ мақоми воло касб намудани намояндаи хонадони манғитиён Муҳаммад Раҳимбий дар Бухоро ва ба шоҳи Эрон изҳори тобеиятва садоқат зоҳир намудани Абулхайрхон ва аз ҷониби Муҳаммад Раҳимбий аз тахт маҳрум сохтани амири номбурда таҳлил карда шудаанд.

Дар Бухоро бо лашкари худ қарор гирифтани Нодиршоҳ ҳамагӣ 25 рӯз идома дошт. Баъди тобеъи худ сохтани хонии Бухоро Нодиршоҳ ба Хоразм лашкар кашид.

Дар солҳои 20-30-уми асри XVIII сипоҳи хони хивагӣ Илбарсхон, бахусус ҳангоми дар пойтахт набудани Нодиршоҳ ба сарзамини Хуросон тохт меовард. Бинобар ин, Нодиршоҳ қасд кард, ки барои чунин густохӣ хоразмиёнро ҷазо диҳад.

Нодиршоҳ ҳангоми дар Бухоро буданаш қосидони худро ба хони Хива Илбарсхон равона карда, аз ӯ талаб намуд, ки ба истиқболаш барояд. Аммо Илбарсхон талаби Нодиршоҳро ба инобат нагирифта,

зиёда аз ин, сафари (чопари) ӯро қатл намуд. Ин барои лашкаркашии Нодиршоҳ ба Хоразм баҳона гардид. Ҳини ҳаракати лашкари Нодиршоҳ ба ҷониби Хива ба ӯ қабилаҳои туркмании йомут, теке, салир, эрсарӣ, сариқҳо, човдурӣ, абадалӣ, игдирӣ, бухачӣ, арабачӣ, дюэҷӣ ва ғайраҳо зиддияти ҷиддӣ нишон доданд.

Барои амалӣ намудани юриши Хива давраи тирамоҳӣ- зимистонии сол муқаррар шуда буд. Юриш тавассути канораҳои Амударё сурат гирифт. Амалиёти ҷангии Нодиршоҳ тибқи маълумотҳои гирдовардаи муаррихони эронӣМирзо Маҳдихони Астарободӣ ва Муҳаммад Козими Марвӣ инъикос ёфтаанд. Задухӯрди нахустин дар сарзамини Хоразм дар қарияи Фатнок рух дод, ки дар он ҷо алайҳи шаш ҳазор нафар эрониён ҷангиёни қабилаи йомут қарор гирифтанд. Задухӯрди дуюм дар қалъаи Ҳазорасп ва муҳорибаи сеюм дар қалъаи Хонақо ба вуҷуд омаданд, ки дар ҳама маврид сипоҳи хивагиён шикаст дида, дар ҷанги ҳалкунандаи охирин Илбарс асир афтода, бо фармони Нодиршоҳ қатл карда шуд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ тадбирҳои пешгирифтаи Нодиршоҳ пас аз анҷоми юриши Хоразм инъикос шудаанд.

Умуман, дар нимаи якуми асри XVIII дар ҳудуди Хуросон ва Мовароуннаҳр равандҳои мураккаби сиёсие даргузар буданд, ки бо инқирози давлати Сафавиҳо ва заиф гардидани давлати Аштархониҳо (Ҷониҳо) пайвандӣ доштанд, ки дар натиҷаи онҳо мулкҳои мустақил арзи ҳастӣ намуда, ҷудоихоҳӣ қувват гирифт, хонадонҳои ҳукмрон иваз шуданд, дар арсаи сиёсӣ Нодиршоҳи Афшор зуҳур кард, ки ҷангҳои яғмогаронаро пеш гирифта, оқибат хониҳои осиёимиёнагиро ба Эрон тобеъ карда тавонист.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **“Инъикоси таърихи давраи ба қудрат расидан ва таҳкими ҳукумати манғитҳо дар сарчашмаҳои хаттӣ”** дар асоси омӯзиш ва пажӯҳиши асарҳои таърихии осиёимиёнагӣ ва манбаъҳои хатии хориҷӣ мухтассоти ҳаёти сиёсии халқҳои Осиёи Миёна дар нимаи асри XVIII таҳлил карда мешавад. Мувофиқи шаҳодати сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷониби Абулфайзхон хоҳиш намудани пуштбонии шоҳи Эрон ҳукмронии мустақилонаи хонҳои сулолаи Аштархонӣ ба охир расид. Аз истеъдод маҳрум будан ва аз ӯҳдаи идора мамлакат баромада натавонистани Абулфайзхон сабаби асосии аз тоҷу тахт маҳрум гардидани намояндагони вопасини Аштархониён шуд. Дар шароити ба вуҷудомадаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар чаҳоряки дуюми асри XVIII аштархониҳо мақоми аввалинро ба ҳукмравоёни нав- ба ашрофи қабилаҳои ӯзбек ва пешвоёни қабилаи манғит вогузор намуданд[1].

Намояндаи қабилаи манғит- Раҳимбий ҳукумати Бухоро ғасб намуда, сиёсати мустаҳкам сохтани ҳокимияти давлатиро пеш гирифт. Барои ин, пеш аз ҳама, лозим буд, ки доираи ҷонибдоронашро аз ҳисоби амирон ва феодалҳои бонуфуз афзун бисозад. Бо ин мақсад Раҳимбий

---

[1] Абулфейз-хан // http://www.zolotuhakompah.ru/heowuplvopoevt49/% .

тавассути ришваю пора, тортукдиҳӣ ва доир намудани гуфтушунидҳои осоишта зумраи калонеро атрофи хештан ҷамъ карда тавонист.

Раҳимбий таҳким бахшидани асосҳои машруияти ҳукумати худро аз муҳимтарин иқдомҳои сиёсӣ маҳсуб медонист. Ӯ дар навбати аввал ризоият ва дастгирии ашроф ва ашхоси бонуфузи диниро таъмин намуда, соли 1753 бо унвони амир ба тахти Бухоро нишаст. Дертар, соли 1756 маросими тоҷгузорӣ-“бардоштани хон бо намади сафед“-ро баргузор сохта, унвони хониро ба худ гирифт. Доир намудани маросими тоҷгузорӣ ба беҳтар шудани муносибати марказ бо музофотҳо ва вилоятҳои хонигарӣ мусоидат карда, дар айни замон ба муовизаи таъҷилии ашхоси мансабдор шароит фароҳам сохт ва ба ин васила ба таҳкими амалии ҳокимият ва барқарор шудани низому тартибот дар системаи идораи давлат роҳи фарох омода гардид.

Ҳамин тариқа, дар нимаи асри XVIII дар Хуросон ва Мовароуннаҳр се хонии мустақи- Бухоро, Хуқанд ва Хива ташаккул ёфтанд, ки дар хусуси итмомёбии парокандагии феодалӣ дар Осиёи Миёна шаҳодат медиҳад. Аммо арзи ҳастӣ намудани хониҳои зикршуда ҳанӯз чунин маънӣ надошт, ки раванди муттаҳидии сиёсии минтақа ба фарҷом расида бошад. Гап бар сари он буд, ки пас аз ташаккули се хонигарӣ ҳам теъдоди калони мулкҳои хурд мустақилии худро идома медоданд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **“Таҳлили рӯйдодҳои сиёсии хонии Бухорои нимаи дуюми асри XVIII дар таҳқиқотҳои илмӣ”** далелҳои таърихие мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки бо таҳкими ҳукумати сиёсии манғитиён дар нимаи дуюми асри XVIII иртибот доранд. Ба Раҳимбийи манғит пас аз ғасби ҳокимият зарур омад, ки бо ҳокимони саркаши як қатор вилоятҳо муборизаи беамон доир бисозад. Ба ӯ муяссар шуд, ки зиддияти ҷудоихоҳон ва неруҳои марказгурезро ба андозае коҳиш бидиҳад. Муҳаммад Раҳимбий барои бунёд намудани давлати марказонидаи манғитиён дар давоми солҳои 1743- 1748 бо қуввaҳои марказгурези Миёнқол, Нурато, Ҳисор, Қубодиён, Бойсун, Шаҳрисабз, Ғузор ва Ургут ҷангҳои шадид бурда бошад. Дар солҳои 1753- 1756 дар натиҷаи юришҳои нав ӯ ҳудудҳои Панҷакент, Кштут, Ургут, Ҷиззатх ва Зоминро ба худ тобеъ гардонид.

Баъди даргузашти Раҳимбий, ба сабаби мавҷуд набудани вориси мустақим (писар) ба тахт ҳокими шаҳри Кармина, амаки Раҳимбий-Дониёлбий (1758- 1785) шинонида шуд. Дар замони ҳукмронии мавсуф парокандагии сиёсӣ, ҷангҳои байниҳамдигарӣ ва шӯришу ошӯбҳо авҷ гирифтанд.

Маълумоти сарчашмаҳо дар бораи замони ҳукмронии Дониёл пурихтилоф мебошанд. Тибқи гувоҳии Муҳаммад Яъқуб, Дониёл кӯшиш ба харҷ медод, ки дар мамлакат тартибот ҷорӣ намуда, онро тараққӣ диҳад[1], Ҳумулӣ қайд менамояд, ки Дониёлбий ба некӯаҳволии мардум ва

---

[1] Муҳаммад Яъқуб ибн эмир Дониёлбий Бухорӣ.Рисола.Дастнавис.СПФИВРАН.Инв.№С1934. л.5б

рушди мамлакат мусоидат мекард[1], Аҳмади Дониш таъкид медорад, ки дар аҳди ӯ "бесарусомонии яқин дар корҳои давлатӣ ва динӣ рух доданд"[2].

Пас аз марги Дониёлбий ҳукумат ба писари ӯ Шоҳмурод, ки мавсуф дар сарчашмахои хаттӣ бо номи "Амири маъсум" хотиррасон карда мешавад, интиқол дода шуд. То ин замон Шоҳмурод ҳокимии шаҳри Карминаро дар ӯҳда дошт. Ӯ ба масъалаҳои муттаҳид сохтани аҳолӣ дар атрофи амир, ба вуҷуд овардани давлати мутамарказ, барҳам додани майлони ҷудоихоҳии мулкҳои алоҳида, рушду нумуъи ҳаёти ҷамъиятии иқтисодӣ ва фарҳангӣ эътибори калон медод. Шоҳмурод ҳукмронии авторитариро ҷорӣ менамуд. Дар аҳди ӯ "шӯро"-и феодалон ва шахсиятҳои маъруф сохмон бахшида шуд. Шӯрои мазкур хислати мушовиратӣ дошт. Агар зарурати ҳалли ягон масъалаи муҳими давлатӣ ба миён ояд, амир онҳоро бо ризоияти аъзои шӯро ҳал мекард, яъне хукми умумӣ ҳосил мегардид, ки он ҳамоно ба иҷро расонида мешуд[3].

Дар асоси маълумоти сарчашмаи хаттии "Туҳфат-ус-зоирин", Шоҳмурод ислоҳоти андоз, қозиёт, маъмурӣ ва ҳарбиро амалӣ намуд[4]. Бо ташаббуси ӯ қариб тамоми андозҳои ғайриисломӣ бекор карда, мардуми Бухоро аз андозҳо пурра озод карда шуданд. Замони ҳукмронии Шоҳмурод давраи аз ҳама беҳтарин ва созгор дар пешрафти иқтисодиёт ва аз ҷиҳати муносиботи сиёсӣ босуботтарин арзёбӣ карда мешавад[5]. Шоҳмурод ба тараққӣ ва шукуфоии шаҳрҳо, бунёди каналҳои обёрӣ ва ба ин васила рушд бахшидани кишоварзӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуд.

Чунонки сарчашмаҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд, Шоҳмурод ба шарофати эҳё сохтани меъёрҳои исломӣ ва муваффақона пеш бурдани сиёсати дохилию берунӣ ба эътирофи ҳамагон ноил гардида, бемайлон қувват мегирифт.

Ҳамин тариқа, ба амири нахустини манғитӣ Муҳаммад Раҳимбий пас аз ғасб намудани ҳокимият ва ҳатто баъди баргузор сохтани маросими тоҷгузорӣ лозим омад, ки ҷиҳати таҳким бахшидани ҳокимияти давлатӣ дар иддае вилоятҳои хонии Бухоро тадбирҳои ҷиддӣ бияндешад. Дониёлбий сиёсати мустахкамсозӣ ва марказонидани ҳокимиятро Дониёл идома бахшида, ба ин хотир дар бархе вилоёти хонигарӣ шӯришу исёнҳоро бераҳмона пахш намуд. Ба Шоҳмурод муяссар гардид, ки ҳокимияти сиёсиро мустаҳкам карда, ба шарофати он дар ҷодаи марказонидани идоракунии давлат ба ҳадафҳои

---

[1] Ҳумулӣ. Таърихи Ҳумулӣ. Дастнавис. ИВАНРУз. Инв. № 37/VI. л.202а

[2] Ахмад Дониш. История мангитской династии.- Перевод, предисловие и примечание И.А.Наджафовой. Душанбе, 1967. С.27.

[3]История таджикского народа. Т.4. С.314.

[4] Мухаммад Насриддин ал-Ханафи ал-Хасани ал-Бухари. Тухфат ал –зоирин./ Перевод, предисловие, комментарии Х. Тураева. Ташкент, 2003. С.40.

[5] Абдураимов М.А. Очерки аграрных отношений в Бухарском ханстве в XVI – первой половине XIX века. Ташкент, 1966. Т.1. С.188.

муқарраркардааш расид, аз ҷумла ислоҳотҳои бузургро ва амалиётҳои муваффақонаи ҳарбиро сомон бахшида тавонист.

Дар хотимаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқ ҷамъбаст карда, хулосаҳои умумӣ баровarda шудаанд ва ҳамчунин, ба хотири омӯзишу пажуҳиши минбаъдаи мавзӯъи мавриди назар тавсияҳо манзур карда шудаанд.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҷумлаи асарҳои илмии истифодагардидаи муаррихоти хориҷӣ ва ватанӣ муммоҳо ва ҷанбаъҳои ҳаёти ҳарбӣ- сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII ба ин ё он андоза баррасӣ гардидаанд. Ҳамзамон онҳо инъикоси ҳамаҷонибаи масъалаҳоро ҳадафи хештан қарор надода буданд. Аз ин хотир, бисёр ақида ва ғояҳои пешниҳодкардаи онҳо дар замони мо ба сабаби кӯҳна буданашон қобили қабул буда наметавонанд. Лекин, дар айни замон он ақидаю ғояҳо ҳанӯз арзиши маърифатиро соҳиб ҳастанд ва онҳорои сарфи назар набояд кард. Бо назардошти арзиш аз баъзе сарчашмаҳо ба андозаи маҳдуд баҳра гирифта шудааст.

Бинобар ин, ба олимон- таърихшиносони муосир зарур меояд, ки таърихи комил ва историографияи масъалаи таҳқиқшавандаро бурдборона таҳия бинмояд. Ин кори заҳматталаб, вале наҷибонаи имрӯзу фардост, ки дар иҷрои он кори диссертатсионии мо саҳми хоксоронае хоҳад буд.

**Муқарраротi асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар интишороти зерини муаллиф таҷассум ёфтаанд:**

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди ПрезидентиҶумҳурииТоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**


1. Ализода Д.А. Мирза Мехдихан Астарабади –мунши Надиршаха Афшара //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №3/4(170).-2015. -С.26-28.( на тадж. языке).

2. Ализода Д.А. «Джахонкушои Надири» Мирза Мехдихана Астарабади как исторический источник // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №3/5(173).-2015. -С.45-47. (на тадж. языке).

3. Ализода Д.А. Краткие сведения о трактате «Джахонкушои Надири» Мирза Мехдихана Астарабади //Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон. №3/6(176).-2015. -С.26-28. (на тадж. языке).

4. Ализода Д.А. Распад династии Сефевидов и приход к власти Надиршаха Афшара // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. №4(65)-2015.-С.60-66. (на тадж. языке).

5. Ализода Д.А. О военном противоборстве Хорезма и Ирана в первой половине XVIII в.// Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. №1(74)-2018.-С.40-47.

6. Ализода Д.А. Иранские и среднеазиатские письменные источники о военных походах афшаридов на территорию Бухарского ханства в 1738-1740 гг.//Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеъашиносӣ. -№4 (57). -2018. –С.58-65.

## АННОТАТСИЯИ

**рисолаи диссертатсионии Ализода Довуд Али дар мавзӯи «Таърихнигории рӯйдодҳои сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII», ки баҳри ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09- Истриография, сарчашмашиносӣ ва усулҳои таҳқиқи таърихӣ пешниҳод шудааст.**

Дар рисолаи номзадии мазкур ҷанбаҳои таърихнигории воқеъоти сиёсии Хуросону Мовароуннаҳри асри XVIII мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф аз нуқтаи назари таърихӣ дараҷаи омӯзиши масъала ва сарчашмаҳои мавзӯро таҳлил намуда, муаммоҳои таърихи сиёсии давраи ҳукмронии Сафавиён, Аштархониён (Ҷониён) ва Аморати Бухоро дар асри XVIII, ки ба таназзули ҳукмронии Сафавиёну Аштархониён ва ба сари қудрат омадани манғитҳои Бухоро вобастагӣ дошт шарҳ додааст. Яке аз хусусиятҳои муҳими таҳқиқот аз он иборат аст,ки муаллифи рисола дар назди хеш вазифаи таҳлили сабабҳои низоъи байни эрониёну афғонҳо ва эрониёну хонигариҳои Осиёи Миёна, муайян намудани даврабандии воқеъаҳо ва оқибати низоҳои ҳарбиро бо муайян кардани ҷойгоҳи аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр дар ҳаёти ҳарбӣ- сиёсии асри XVIII-ро гузоштааст.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ: реконструксияи давраҳои асосии ҳаёти сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XVIII;-баррасӣ ва таҳлили рӯйдодҳои сиёсии асри XVIII дар Хулосон ва Мовароуннаҳр дар қаринаи таърихи пошхӯрии давлатҳои Сафавиҳо ва Аштархониҳо ва мақом ёфтани Нодиршоҳ дар Эрон ва намояндагони қабилаи манғит дар хонигарии Бухоро; аз нуқтаи назари танқидӣ таҳқиқ намудани маълумотҳои сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти мавҷудаи илмӣ оид ба масоили қувват гирифтани бӯҳрони сиёсӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳр бо усули таҳлили қиёсӣ;бо роҳи таҳлили маълумотҳои таърихии осори бадеӣ муқаррар сохтани сабабҳои марказгурез шудани ҳокимият ва кашмакашҳои байниҳамдигарӣ дар ҳудуди Хуросон ва Мовароуннаҳр; инъикоси юришҳои Нодиршоҳ дар ҳудуди хонигариҳои Бухоро ва Хева ва паёмадҳои онҳо аз назари сарчашмашиносӣ ва историографӣ;таҳлили рӯйдодҳои сиёсии иртиботдошта бо оғози ҳукмронии сулолаи манғитиён ва фаъолияти онҳо ҷиҳати марказонидани ҳокимият дар миёна ва нимаи дуюми асри XVIII ба шумор меравад.

Дар рисола мушаххасан ва дикикназарона асарҳои таърихии ба кӯчактарин воқеъаҳои ба таҳқиқот дахл дошта аз назар гузаронида шудаанд, факту далелҳои навин оид ба ба ҳодисаҳои ҳарбиву сиёсии асри XVIII муайян карда шудаанд, сарчашмаҳои таърихӣ ва маводҳо доир ба саҳифаҳои камомӯхташудаи Хуросон ва Мовароуннаҳри давраи таҳқиқ ва хусусан ҷараёни ивазшавии сулолаҳо баррасӣ гаштаанд.

Натиҷагирӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он шаҳодат медиҳанд,ки воқеаҳои ҳарбиву сиёсии қарни XVIII дар Хуросону Мовароуннаҳр дар таърихи ватанӣ аҳамияти муҳим доранд, зеро то ба қарибӣ таърихшиносон ба ин масъала кам таваҷҷӯҳ намудаанд. Барои хамин ҳам муаллиф ба сифати объекти таҳқиқот хусусиятҳо ва оқибати ин воқеъаҳоро интихоб намудааст.

## АННОТАЦИЯ

**диссертационной работы Ализода Довуд Али на тему «Историография политических событий Хорасана и Мавераннахра XVIII века», представленной на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности - 07.00.09 – Историография, источниковедение и методы исторического исследования**

В кандидатской диссертации представлено исследование историографических аспектов политических событий Хорасана и Мавераннахра XVIII века. Автором с исторической точки зрения проанализированы степень освещения в письменных источниках и научных исторических трудах политической истории Сефевидов, Аштарханидов (Джанидов) и Бухарского эмирата XVIII века, связанные с возвышением и падением Сефевидов, распадом Аштарханидов и приходом к власти и укреплением государственности мангытов. Одним из важнейших особенностей представленного исследования является анализ предпосылок и причин ирано-афганского и ирано-среднеазиатского военного противостояния, происходивших в регионе, уточнение новой периодизации и последствий военного противоборства с определением места населения Хорасана и Мавераннахра в военно-политической жизни XVIII века.

Основная цель диссертационного исследования- -реконструировать основные этапы политической жизни Хорасана и Мавераннахра XVIII века; рассмотреть и проанализировать политические события XVIII века в Хорасане и Мавераннахре в контексте истории распада государств Сефевидов и Аштарханидом и возвышения Надиршаха в Иране и представителей племени мангытов в Бухарском ханстве; с критической точки зрения исследовать данные письменных источников и существующей научной литературы по вопросам усиления политического кризиса в Хорасане и Мавераннахаре путем сопоставительного анализа; анализируя данные исторической литературы, установить причины децентрализации власти и междоусобной борьбы на территории Хорасана и Мавераннахра;в

источниковедческом и историографическом плане осветить походы Надиршаха на территории Бухарского и Хивинских ханств и их последствия; осуществить анализ политических событий, связанных с приходом к власти представителей мангытской династии и их деятельность по централизации власти в середине и во второй половине XVIII века.

В работе конкретно и детально рассмотрены исторические труды, где освещены даже самые незначительные и косвенные события, связанные с исследуемой темой, конкретизированы и выявлены новые факты из хроники военно-политических событий XVIII века, научному анализу подвергнуты новые исторические источники и материалы, которые позволили восполнить пробелы в освещении малоизученных страниц политической жизни Хорасана и Мавераннахра XVIII века, в особенности, процесса смены власти в исследуемом регионе.

Результаты и выводы диссертации свидетельствуют, что военно-политические события в Хорасане и Мавераннахре XVIII века имеют большое значение для истории, но до недавнего времени историки не обращали на них должного внимания. Поэтому автором были избраны в качестве исследования истоки, особенности и последствия этих событий.

**_Abstract_**

**on the thesis of Alizoda Dovud Ali on the title of “Historiography of the Political Events Held in Khorasan and Maverannahr Referring to the 18th Century” competition for the candidate degree of historical sciences in the specialty - 07.00.09 - Historiography, Source Study and Methods of Historical Research**

The candidate dissertation presents the study of the historiographic aspects of the political events held in Khorasan and Maverannahr referring to the 18th century. From the historical point of view the author analyzes the degree of coverage in written sources and scientific historical works covered the political history of the Safavids, Ashtarkhanids (Dzhanids) and the Bukhara emirate of the 18th century, in connection with the rise and collapse of the Safavids and Ashtarhanids and coming to power and strengthening the state of the Mangits.One of the most important peculiarities of the topic is considered to be the analysis dealing with the prerequisites and causes of the Iran-Afghanistan and Iran-Central Asia military confrontation that took place in the region, the refinement of the new periodization and the consequences of the military confrontation with the determination of the population of Khorasan and Maverannahr in the military and political life of that century.

The main purpose of this research is to reconstruct the principal stages of the political life of Khorasan and Maverannahr in the 18th century; to canvass and

analyze the political events held in the 18th century in Khorasan and Maverannahr in the context of the history of the collapse of the Safavids and Ashtarkhanids and the rise of Nadirshah in Iran and representatives of the Mangyt tribe in the Bukhara Khanate;, to study the data from written sources and existing scientific literature concerning the intensification of the political crisis in Khorasan and Maverannakhar through a comparative analysis from a critical point of view; analyzing the data of historical literature he establishes the reasons for the decentralization of power and civil strife in the territory of Khorasan and Maverannahr; to illuminate the campaigns of Nadirshah in the territory of the Bukhara and Khiva khanates and their consequencesin terms of source and historiographical plan; to analyze the political events in regard to the coming to power of the representatives of the Mangyt dynasty and their activities to centralize power in the middle and in the second half of the 18th century.

The author of the thesis dwells on historical works specifically and comprehensively, where even the most insignificant and indirect events related to the topic under study are highlighted new facts from the chronicle of military-political events referring to the 18th century and analyzes new historical sources and materials, which made it possible to fill in the gaps in the coverage of the scantly studied pages of the political life of Khorasan and Maverannahr referring to that century, the process of change of power in the studied region,in particular.

The results and conclusions of the dissertation testifies that the military-political events in Khorasan and Maverannahr in the first half of the 18th century are of great importance for history, but until recently, historians have not paid specific attention to them. Therefore, the author has chosen as a study origin, the peculiarities and consequences of these events, upon the whole.